ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ
ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ ШАҲРИНАВ

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ШАҲРИНАВ БАРОИ СОЛҲОИ 2018-2021

Шаҳринав-2017

**МУНДАРИЧА**

**Рӯйхати ихтисорот..........................................................................................................**

**Пешгуфтор ..........................................................................................................................**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА**
**ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ШАҲРИНАВ..........................................**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ...................................................................................................**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ
2.2. Соҳаи саноат. ..........................................................................................................................
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна........................................................................................................

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ....................................................................................................**
3.1. Соҳаи маориф ..........................................................................................................................
3.2. Соҳаи тандурустӣ ....................................................................................................................
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ..............................................................................................................
3.4. Соҳаи фарҳанг..........................................................................................................................
3.5. Варзиш ва сайёҳӣ ....................................................................................................................

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР..................................................................................................**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ........................................................................
4.2. Таъмини барқ ...........................................................................................................................
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ..............................................................................................................
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ.........................................................................................................

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА**
5.1. Ҳифзи муҳити зист....................................................................................................................
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо ..................................................................................................................................

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ...................................................................................**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ..................................................................**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Шаҳринав аз рӯи соҳаҳо**

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ГК | Гурӯҳи корӣ |
| ГФТ | Гурӯҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НОБ | Нерӯгоҳи обии барқӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| ГЗҲФҲ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмони маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзӣи Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |

**ПЕШГУФТОР**

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2018-2021 (минбаъд-Барномаи рушд) дар асоси “Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо тасдиқ гардидааст) бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ таҳия гардидааст.

Ҳадафи асосии Барнома ин пеш аз ҳама мусоидат намудан ба рушди устувори соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, зиёд намудани қисми даромади буҷети маҳаллӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум ва дар ин замина зиёд намудани шумораи табақаи миёнаи аҳолӣ мебошад.

Барномаи рушд ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд, ки ин барои ноил шудан ба рушди босуботи иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои замонавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти ноҳия тадбир ва чорабиниҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷиҳати амалисозии онҳо ҷалби сармояи дохилию ҳориҷӣ пешбинӣ шудааст. Амалӣ шудани тадбир ва чорбиниҳои гузошташуда дар давоми солҳои 2018-2021 барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёти ноҳия мусоидат намуда, боиси афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ва таъсиси ҷойҳои навӣ корӣ мегардад.

Ба Барномаи рушди ноҳия 110 лоиҳа бо маблағи 400 млн. 530 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 35 лоиҳа бо маблағи 252 млн. 11 ҳазор сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 48 лоиҳа бо маблағи 102 млн. 302 ҳазор сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 23лоиҳа бо маблағи 43 млн. 894 ҳазор сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 3 лоиҳа ба маблағи 1 млн. 123 ҳазор сомонӣ ба бахши ҳифзи муҳити зист, 1 лоиҳа ба маблағи 1 млн. 200 ҳазор сомонӣ ба бахши ҳолатҳои фавкулода рост меояд.

***Тақсимоти***
***маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2018-2021” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)***

| *Соҳаҳо* | *Ҳамагӣ* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* |
|---|---|---|---|---|---|
| *Кишоварзӣ* | *8106* | *2425* | *2020* | *1970* | *1691* |
| *Саноат* | *11925* | *3317* | *5312* | *2298* | *998* |
| *Соҳаи соҳибкории хурду миёна* | *227300* | *3900* | *74500* | *73050* | *75850* |
| *Сохтмон* | *4680* | *2300* | *1380* | *700* | *300* |
| ***Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ*** | *252011* | *11942* | *83212* | *78018* | *78839* |
| *Маориф* | *56746* | *7980* | *18387* | *18434* | *11945* |
| *Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ* | *36510* | *2600* | *11130* | *12680* | *10100* |
| *Тандурустӣ* | *9046* | *2234* | *3924* | *1794* | *1094* |
| ***Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ*** | *102302* | *12814* | *33441* | *32908* | *23139* |
| *Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)* | *24544* | *3873* | *6790* | *7331* | *6550* |
| Таъмини барқ | *5150* | *765* | *1475* | *1585* | *1325* |
| Нақлиёт ва хоҷагии роҳ | *14200* | *3000* | *3450* | *3950* | *3800* |
| ***Ҳамагӣ, инфрасохтор*** | *43894* | *7638* | *11715* | *12866* | *11675* |
| ***Бехатарии ҳифзи муҳити зист*** | *1123* | *23* | *500* | *500* | *100* |
| ***ҲФ ва МГ*** | *1200* | *400* | *400* | *200* | *200* |
| ***Ҳамагӣ, арзиши БРН*** | ***400530*** | ***32817*** | ***129268*** | ***124492*** | ***113953*** |
| *Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ* | *79233* | *15308* | *22955* | *24795* | *16175* |
| *Буҷети маҳаллӣ* | *12704* | *4229* | *4742* | *2689* | *1044* |
| *Маблағҳои хусусӣ* | *258299* | *9317* | *85721* | *81427* | *81834* |
| *Саҳми аҳолӣ* | | | | | |
| *Маблағгузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ* | *30719* | *3638* | *9000* | *9331* | *8750* |
| *Лоиҳаҳои сарчашмаи маблағгузориашон номуайян* | *19575* | *325* | *6850* | *6250* | *6150* |

## БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ

### 1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия.

Ноҳияи Шаҳринав дар қисми ғарбии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе ҷойгир шудааст. Масофаи шаҳри Душанбе ва ноҳияи Шаҳринав 43 км-ро ташкил медиҳад. Маркази маъмурии ноҳия ҷамоати деҳоти Шаҳринав мебошад. Он 17 сентябри соли 1927 бо номи ноҳияи Қаратоғ таъсис ёфта, пас аз ду сол номи Шаҳринавро ба худ гирифтааст. То 21 январи соли 1932 он дорои 303 деҳа бо 61,4 ҳазор нафар аҳолӣ ва 13 Шӯрои ҷамоат иборат буд. Дар асоси қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии Шӯроҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 1932 ноҳияи Шаҳринав ба ду ноҳияи мустақил Ҳисор ва Шаҳринав ҷудо карда шуд. Сарфи назар аз ин тақсимот ноҳияи Шаҳринав ҳудуди хеле калонро ишғол мекард.

Солҳои панҷоҳум дар ҳудуди маъмурии Шаҳринав дигаргуниҳо ба амал омад. Дар натиҷаи барҳам додани шӯроҳои қишлоқи Қизил-Аскар, Шулум мардуми таҳҷоии он ба ноҳияи Шаҳритуси водии Вахш муҳоҷир кунонида шуданд. Соли 1953 шӯрои қишлоқи Пуштимиёна барҳам хурда, ҳудуди маъмурии қишлоқи Чузӣ ба Шӯрои қишлоқи депутатҳои шӯрои қишлоқи меҳнаткашони Қадиҷуйбор ҳамроҳ гардид.



Ҳукумати ҷумҳурӣ шароити ичтимоию иқтисодӣ ва сиёсиро ба инобат гирифта, ноҳияи Шаҳринавро соли 1953 боз ба ду ноҳияи мустақил Шаҳринав ва Регар тақсим намуд.

Соли 1959 дар асоси қарори Ҳукумати умумииттифоқ баҳам муттаҳидшавии колхозҳо оғоз ёфт. Аз ин рӯ шумораи колхозҳо 6-8 маротиба кам гардида, шумораи шӯроҳои қишлоқӣ аз 4 то 8 ихтисор гардиданд. Тағйирёбии тақсимоти дохилии маъмурӣ ба барҳамхӯрии ноҳияи Шаҳринав оварда расонид. Бо фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 17 ноябри соли 1959 ноҳияи Шаҳринав барҳам дода шуд. Ҳудуди он ба қаламрави ноҳияҳои Ҳисору Регар (ҳоло Турсунзода) дохил гардид.

2-юми январи соли 1992 бо Фармони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳринав аз нав эҳё гардида мақоми ноҳияро соҳиб шуд. Сохтори маъмурии ноҳия аз 7 ҷамоати шаҳраку деҳоти Шаҳринав, Боғистон, ба номи А. Ҳасанов, ба номи М.Турсунзода, Чуст, Сабо ва Истиқлол иборат аст. Масоҳати умумии ноҳияи Шаҳринав 100696 га, релефаш водӣ ва кӯҳсор буда нуқтаҳои мутлақи он баландии аз 650 то 4850 метр аз сатҳи бахрро ташкил мекунад. Ҳудуди ноҳия аз шимол ба ҷануб кашида шуда қисмати зиёди он дар шимол ба қисмати ҷанубии қаторкуҳҳои Ҳисор дохил шуда аз ҷануб бо кӯҳи Боботоғ иҳота шудааст.

Релефи ноҳия аз қабатҳои зерин иборат аст:

- Қабати дарёбод аз 650 м то 700 м аз сатҳи баҳр
- Доманакӯҳ аз 800 м то 1500 м аз сатҳи баҳр
- Қабати поёнии кӯҳ баландии 1500 м то 2300 м аз сатҳи баҳр
- Қабати миёнаи кӯҳ аз 2300 м то 3200 м аз сатҳи баҳр
- Баландкӯҳ аз 3200 м то 4850 м аз сатҳи баҳр

**1.1 Шароити иқлим**

Шароити иқлими ноҳия континенталӣ буда, ҳарорати миёнаи ҳаво дар фасли тобистон моҳҳои июл + 32°С..+34°С дар фасли зимистон -0,7°С.+2°С-ро ташкил медиҳад

Боришоти миёнаи солона 370-500 мм-ро ташкил медиҳад. Дар қисмати шимоли ноҳия боришоти миёнаи солона 2000 мм -ро ташкил медиҳад. Боришоти зиёд дар моҳҳои апрел ба қайд гирифта шудааст. Пасттарин дараҷаи ҳаво дар солҳои охир то -23°С ва баландтарин дараҷаи ҳаво +47°С ба қайд гирифта шудааст.

Давомнокии нурпошии офтоб дар 1 сол 2300-2700 соатро ташкил медиҳад.

**1.2. Захираҳои табиӣ**

Ноҳияи Шаҳринав дорои захираҳои бои табиии об, нафт, газ, оҳан, рухом, аметист ва ғайра мебошад.

Сарватҳои зеризаминӣ дар ноҳия нафт, газ, ангишт, мармар, обҳои термалию обҳои зеризаминии артезианӣ ва ғайра мебошад.

Нафту газ дар қисмати ҷанубии ноҳия пастхамии шимоли кӯҳи Боботоғ кашф карда шудааст. Дар минтақаи мазкур корҳои ҷустуҷӯи солҳои

1970 гузаронида шуда, 14 чоҳ парма карда шудааст. Дар минтақаи Умбар солҳои охир аз тарфи КВД "Нафту газ ва ангишт" истихроҷи санҷишии нафт оғоз гардид.

Дар минтақаи Сариқамиш аз тарафи ҶСК "Газпромнефт"-и Россия пармакунии чоҳи нафту гази Сариқамиш гузаронида шуд. Дар минтақаи мазкур беш аз 6450 метр чоҳ парма карда шуд. Айни ҳол корҳои ташхиси рафта истодааст.

Дар ҳудуди ноҳия конҳои ангишти Ҳакимӣ, Кушкутан кашф гардида захираи конҳои мазкур ба пуррагӣ омӯхта нашудааст. Конҳо фаъолият намекунанд.

Мармари оникс. Кони мазкур дар минтақаи Селбурсой ҷойгир буда, барои истифода ба ҶДММ "Гасёр" вобаста шудааст. Кон кор намекунад.

Захираи аметист дар минтақаи Патрӯи қисмати шимоли ноҳия дарёфт карда шудааст. Кон ба ширкати "Ҷамасти К" вобаста буда фаъолият намекунад.

Обҳои термалӣ дар минтақаи Хоҷа Ҳасани дараи Қаратоғ ҷойгир буда, истифода карда намешавад.

Чашмаи оби сулфурдор дар деҳаи Хоҷаи Бодоми Ҷамоати деҳоти Чуст буда, барои бемориҳои пуст истифода мешавад.

Канданиҳои фоиданоки маъмули умум. Дар ноҳия 5 кони истихроҷи сангу шағал ва хок мавҷуд аст.

-кони "Қаратоғ-1" истифодабаранда ҶДММ "Сангрезаи Шаҳринав"

-кони "Навобод-1" истифодабаранда ҶДММ "Меҳрангези Ҷамшед"

-кони "Навобод" истифодабаранда ҶДММ "Баракат"

-кони "Ҷарбулоқ" истифодабаранда ҶДММ "Муминиён Трендинг"

-кони "Роҳи Оҳан" истифодабаранда КВД "Роҳи оҳан"

Аз ин конҳо "Қаратоғ-1" ва "Роҳи Оҳан" фаъолият мекунанд.

Ҳаҷми истихроҷи сангу қум дар ноҳия тибқи ҳисоботҳои оморӣ 6000 $м^3$ -ро ташкил медиҳад.

Проблемаи асосии истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ пеш аз ҳама набудани шароити иқтисодии ширкатҳо, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва норасоии мутахассисони баландихтисос мебошад.

*Маълумоти умумӣ оид ба сохтори ҳудуду маъмурии ноҳия*
*( ба ҳолати 01.01.16)*

| Номи ҷамоатҳо | ҷ/ш «М Турсунзода» | ҷ/д «А Ҳасанов» | ҷ/д «Сабо» | ҷ/д «Истиклол» | ҷ/д «Шаҳринав» | ҷ/д «Боғистон» | ҷ/д «Чуст» | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи деҳаҳо | 2 | 26 | 10 | 12 | 3 | 3 | 14 | 70 |
| Масофа то маркази ноҳия (км) | 4 | 6 | 2 | 5 | - | 11 | 7 | - |
| Шумораи аҳолӣ (нафар) | 10828 | 27933 | 18052 | 15463 | 11570 | 9877 | 17777 | 111500 |
| Миқдори хоҷагиҳо | 1959 | 3848 | 2367 | 2220 | 1919 | 1496 | 2278 | 16087 |
| Мактаби миёна | 2 | 9 | 5 | 4 | 3 | 2 | 5 | 30 |
| Мактаби асосӣ | - | 6 | 4 | 2 | - | - | 4 | 16 |
| Мактаби ибтидоӣ | 1 | 3 | 1 | - | - | - | 2 | 7 |
| Муассисаҳои томактабӣ | 2 | - | - | - | 1 | - | - | 3 |
| Китобхонаҳо | 3 | 4 | 1 | 2 | 2 | 2 | 3 | 17 |
| Мактаби мусиқии бачагон | - | - | - | - | 1 | - | - | 1 |
| Варзишгоҳ | 1 | 2 | 4 | 5 | 2 | 2 | 2 | 18 |
| Беморхонаҳо | 2 | 10- | 5 | 4 | 3 | 3 | 6 | 33 |
| Нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ | 2 | 1 | 3 | 3 | - | 1 | 5 | 15 |
| Тарабхона | - | - | - | - | 2 | - | - | 2 |
| Ошхона | 4 | 6 | 7 | 2 | 3 | 1 | 2 | 25 |
| Дукон ва мағоза | 27 | 21 | 16 | 9 | 17 | 16 | 12 | 118 |
| Ҳамом | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Сеххои дӯзандагӣ | 1 | 2 | 1 | 1 | 2 | 1 | 2 | 10 |
| Сартарошхона | 2 | 3 | 2 | 1 | 4 | 2 | 3 | 17 |
| Осиёбҳо | 2 | 4 | 2 | 3 | - | 2 | 2 | 15 |
| Корхонаҳои саноати ва хурду миёна | 4 | 2 | 1 | - | 1 | 2 | 3 | 13 |
| Сехи пахтатозакунӣ | 2 | 2 | 1 | 1 | - | 1 | 2 | 9 |
| Сехи истеҳсоли дару тирезаҳо | 1 | - | 2 | 1 | 1 | - | 1 | 6 |

**1.3. Ҳолати демографии ноҳия.** Аҳолии ноҳия 111,5 ҳазор нафар (аз он аҳолии шахрак 6,9 хаз нафар) буда, (ба ҳолати 01.01.16), аз ин 34,9 ҳазор нафар ҷавонони то 14 сола (31,3 фоиз) ва 62,7 ҳазор нафар (56,2 фоиз) одамони синну соли миёна ташкил медиҳад. Дар сохтори этникии аҳолӣ

бошад 64,7 фоиз тоҷикон, 35,1 фоиз ӯзбекҳо ва 0,2 фоиз дигар миллатҳо ташкил медиҳад.

**Сохтори этникии аҳолии ноҳия**




Аз шумораи умумии аҳолӣ 50,1 фоиз мард ва 49,9 фоиз зан мебошад. Дар ноҳия 94,0 фоизи аҳолӣ дар деҳот ва 6,0 фоизи он дар шаҳрак истиқомат мекунад. Қисми зиёди аҳолӣ дар ҷамоатҳои ба номи А. Ҳасанов, Сабо, Чуст ва Истиқлол истиқомат менамоянд. Аҳолии ноҳия дар давоми панҷ соли охир 12,0 фоиз (13,0 ҳазор нафар) зиёд шудааст.

*Маълумотҳои демографии ноҳия*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумии аҳолӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 | |
| 1 | Хоҷагии хонавода | адад | 15360 | 15595 | 15865 | |
| 2 | Аҳолии доимӣ | нафар | 103100 | 105200 | 108200 | |
| | аз ин: мард | нафар | 51859 | 52705 | 54316 | |
| | Зан | нафар | 51241 | 52495 | 53884 | |
| 3 | Кӯдакони аз синни 0 то14 сола | нафар | 29899 | 30508 | 33542 | |
| | аз ҷумла: кӯдакони синни 3 то 6 сола | нафар | 9350 | 9800 | 11780 | |
| 4 | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 65221 | 66570 | 66478 | |
| 5 | Гурӯҳи калонсолон (63 (занон-57сола)ва боло) | нафар | 7980 | 8105 | 8180 | |
| 6 | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 47750 | 47960 | 48230 | |
| | аз он ҷумла; шумораи коргарони ба кор машғулбуда | нафар | 8860 | 9276 | 9501 | |
| 7 | Бекорони ба қайд гирифташуда | нафар | 695 | 890 | 865 | |
| 8 | Муҳоҷирон | нафар | 8450 | 8950 | 8810 | |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 32 фоиз ба кор машғул буда, 18 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 0,1 фоиз бекорони расман ба қайд гирифташуда мебошанд. Дар давоми солҳои 2013-2015 шумораи бекорон дар ноҳия 1,2 фоиз зиёд гардидааст. Дар сурати давом ёфтани чунин ҳолат

соли 2021 шумораи бекорон ба 12865 нафар мерасад, ки ин яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби ноҳия хоҳад гардид. Барои бартараф намудани масъалаи ҷойдошта тайи солҳои 2018-2021 дар доираи Барномаи рушди ноҳия ба кор андохтани иқтидорҳои маҳаллӣ дар заминаи бунёди корхонаҳои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ пешбинӣ гардидааст.

**Афзоиши демографии аҳолии ноҳия**

| Солҳо | Шумораи никоҳ | Шумораи талоқ | Шумораи таваллуд-шудагон (нафар) | Шумораи фавтидагон (нафар) | Афзоиши табиии аҳолӣ (нафар) | Афзоиши табиии аҳолӣ (бо %) | Шумораи умумии аҳолӣ (ҳаз.нафар) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2013 | 1177 | 133 | 3011 | 427 | 2569 | 2,4 | 105,2 |
| 2014 | 1257 | 137 | 3477 | 389 | 3067 | 2,8 | 108,2 |
| 2015 | 1106 | 145 | 3463 | 467 | 3300 | 3,0 | 111,5 |

Дар давоми се сол агар шумораи никоҳ ба ҳисоби миёна 0,8 фоизи зиёд шуда бошад, пас шумораи талоқ ба ҳисоби миёна 1,4 фоиз зиёд шудааст, ки ба коҳиш ёфтани ахлоқи ҷомеа, паст рафтани сатҳи иҷтимоёт, дараҷаи баланди муҳоҷират ва дигар омилҳо мансуб дониста мешавад.

**Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда**

| № | Соҳаҳо | Дар соли 2015, нафар | Таносуби соҳаҳо ба ҳисоби % | Шумораи аҳолии дар асл машғули кор, нафар | Таносуб дар соҳаҳо ба ҳисоби % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳамагӣ , аз он ҷумла | 9501 | 100,0 | 5572 | 100,0 |
| 2 | Кишоварзӣ | 4065 | 43 | 1015 | 18,2 |
| 3 | Саноат | 359 | 4,0 | 238 | 4,27 |
| 4 | Сохтмон | 426 | 4,7 | 117 | 2,09 |
| 5 | Савдо | 65 | 1,6 | 65 | 1,2 |
| 6 | Нақлиёт ва алоқа | 247 | 1,2 | 47 | 0,84 |
| 7 | Бонк | 116 | 1,1 | 116 | 2,1 |
| 8 | Мақомоти давлатӣ | 141 | 1,4 | 141 | 2,53 |
| 9 | Маориф | 2400 | 25 | 2395 | 42,98 |
| 10 | Тандурустӣ | 946 | 10 | 946 | 16,97 |
| 11 | Дигар хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ | 736 | 8,0 | 492 | 8,82 |

43 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, 25 фоиз дар соҳаи маориф, 10 фоиз дар соҳаи тандурустӣ ва 22 фоизи боқимонда дар дигар соҳаҳо фаъолият мекунад.

***Биниши***

***(тасаввуротиояндаи ноҳия бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда)***

*Ноҳияи Шаҳринав ҳамчун минтақаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ бо заминаи мусоиди сармоягузорӣ ва саноати рушдёфтаи коркард тавассути инкишофи муносибатҳои муосири соҳибкорӣ мебошад ва дар он муҳити тозаи беҳдошти зиндагӣ ҳукмфармост. Дар ноҳия мардуми гуногунмиллат истиқомат дошта,барои таҳкими нерӯи ақлониву зеҳнии он марказҳои фарҳангиву таърихӣ, инфрасохтори муҷаддад, хизматрасонии сифатноки иҷтимоӣ фаъолият мекунанд.*

***Таҳлили вазъи умумии ноҳия (SWOT)***

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| ➢ Мавҷуд будани захираҳои табиӣ;<br>➢ Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод;<br>➢ Корхонаҳои саноатии мавҷуда;<br>➢ Шароити мусоиди иқлимӣ барои парвариши ҳамаи намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ (аз ҷумла зироатҳои донагию техникӣ, сабзавот, полезӣ, боғу токпарварӣ, ва дигар намудҳо) ва мавҷуд будани талабот ба махсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилию берунӣ;<br>➢ Наздик будани ноҳия ба маркази пойтахт ва ба бозори дохилӣ, фурудгоҳ, роҳи оҳан, марказҳои фарҳангию истироҳатӣ; | ➢ Кофи набудани воситаҳои молиявӣ барои коркарди захираҳои табиӣ;<br>➢ Набудани ҷойи кори доимӣ ва аз ноҳия берун рафтани кадрҳои баландихтисос;<br>➢ Бо иқтидори пурра фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ ва рақобатнопазир будани маҳсулоти онҳо дар бозор;<br>➢ Самаранок ва ба таври зарурӣ истифода набурдани шароити хуби иқлимӣ барои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ (фоизи баланди қарзи бонкӣ, набудани имтиёзҳо, кофӣ набудани воситаҳои молиявии хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ барои харидори кардани тухмиҳои аълосифат, техникаи муосир, нуриҳои менералӣ ва дигарҳо ҷиҳати парвариши маҳсулоти кишоварзӣ);<br>➢ Набудани инфрасохтори замонавӣ<br>➢ бахусус дар сатҳи деҳот. |
| Имкониятҳо | Хатарҳо |
| ➢ Бунёди корхонаҳои муштараки коркарди сангҳои мармар, ангишт дар ноҳия;<br>➢ Бунёди корхонаҳои саноатӣ;<br>➢ Татбиқи барномаҳои соҳавӣ дар сатҳи миллӣ қабулшуда; | ➢ Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, жола, обхезӣ, заминларза, ярч, боронгарии зиёд, хушксолӣ, сардшавии ҳаво);<br>➢ Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар нави касалиҳо;<br>➢ Авҷ гирифтани буҳрони молиявию иқтисодӣ;<br>➢ Боло рафтани сатҳи таваррум ва беқурбшавии асъор;<br>➢ Паст гардидани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ. |

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

Кишоварзӣ соҳаҳои афзиялитнок барои ноҳия буда, дар пешбурди иқтисодиёт ва таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳим мебозад.

Ноҳия барои истеҳсоли пахта, маҳсулотҳои растанипарварӣ (ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, хӯроки чорво, мева, ангур) ва чорводорӣ (пилла, шир, гӯшт, пашм, пӯст ва асал) махсус гардонида шудааст. Зиёда аз 94 фоизи аҳолии қобили меҳнатӣ дар деҳот зиндагонӣ дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Аҳолии ноҳия қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти ғалладонагӣ, сабзавот, полезӣ, картошка, пиёз ва мева ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия корхонаҳо, хоҷагиҳои ахоли ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд. Вазни қиёси аз ҳама зиёдро дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ дар истеҳсоли сабзавот,картошка, мева, шир, гӯшт, тухм, пилла ва пашм ташкил медиҳад.

Баъд аз гузаштан ба шакли нави хоҷагидорӣ дар ноҳия 1040 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, 3 хоҷагии паррандапарвар, 106 кооперативи тиҷоратӣ 26 корхонаҳои кишоварзӣ (ЧДММ-хо, хоҷагиҳои давлатӣ ва хочагиҳои чамьиятӣ) ва 2 хоҷагии ёрирасон таъсис дода шуд, ки дар онҳо 8626 нафар саҳмдорон машғули кор мебошанд.

Соли 2015 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия 204670,2 ҳаз. сомониро ташкил намуд, ки нисбати соли 2014 103,4фоиз мебошад.Аз рӯи намуди маҳсулот бошад, аз ҷумла ғалладонагӣ – 14,3%, пахта- 1,1%, сабзавот –29,4%, картошка –3,0%, полезиҳо – 0,2%, меваҷот –11,0%, ангур – 7,2%, шир – 12,2%, гӯшт – 11,2%, тухм –2,0%, асал – 0,3%, пилла – 0,02% ва пашм – 0,003%-ро ташкил дод.

Ҳадафи асосии соҳа дар чор соли оянда - ин беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва аз худ намудани заминҳои бекорхобида мебошад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда дар давоми солҳои 2018-2021 *иҷрои вазифаҳои зерин* зарур мебошад:

- *баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо;*
- *ҷорӣ намудани технологияҳои нави кишоварзӣ;*
- *таъмин намудани бозори дохилӣ ва берунӣ бо маҳсулоти тару тоза;*
- *таъсиси ҷойҳои нави корӣ.*

Ҳалли вазифаҳои гузошташуда тариқи андешидани тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

1. *Идома додани низоми ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ;*
2. *Пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои васеъ намудани истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ;*
3. *Ба роҳ мондани усули навӣ обёрии заминҳо;*
4. *Таъмин намудани хоҷагиҳо ба тухмиҳои баландсифат ва нуриҳои менералӣ;*
5. *Бо усули интенсивӣ ба роҳ мондани парвариши зироатҳо;*
6. *Бнёди гармхонаҳо ва анборҳои замонавӣ барои нигоҳдории маҳсулот;*
7. *Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо;*
8. *Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида.*

***Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.*** Дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аҳолии ноҳия 1307 адад трактору мошинҳо ва олотҳои асосӣ мавҷуд буда, аз ин 68,0 фоиз коршоям (894 адад) ва 32 фоиз (415 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд.Аз шумораи умумии техникаю таҷҳизот 212 адад ба хоҷагиҳои ҷамъиятию деҳқонӣ (16%) ва 1095 адад ба аҳолӣ (84%) марбут аст.

**Шумораи техника ва олотҳои асосии соҳаи кишоварзӣ (адад)**

| Номгӯи техника ва олотҳо (ба ҳолати 01.01.16) | Шумораи мавҷуда | | |
|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | аз ин дар ҳолати коршоям | фоизи коршоямӣ (%) |
| Тракторҳо- ҳамагӣ | 619 | 396 | 64,0 |
| аз ин: шудгоркунанда | 42 | 15 | 35,7 |
| Байниқаторӣ | | | |
| нақлиётӣ | 577 | 381 | 66,0 |
| Комбайнҳои ғалладарав | 18 | 12 | 66,7 |
| Ядакҳои тракторӣ | 307 | 221 | 72,0 |
| Испорҳои трактор | 222 | 168 | 75,7 |
| Тухмипошакҳои тракторӣ- ҳамагӣ | 45 | 31 | 68,9 |
| аз ин: пахта | 36 | 27 | 75,0 |
| Ғалла | 9 | 4 | 44,4 |
| Заминҳамворкунакҳо | 6 | 6 | 100 |
| Култиваторҳои тракторӣ | 48 | 34 | 70,8 |
| Тойбанду тагрезчиниҳо | 5 | 1 | 20,0 |
| Дорупошакҳои тракторй | 8 | 8 | 100 |
| Нуриандозҳои тракторй | 8 | 5 | 62 |
| Комбайнҳои силосғундор | 13 | 6 | 46,1 |
| Эксксваторҳо | 8 | 6 | 75,0 |
| **Ҳамагӣ трактор ва олотҳо** | **1307** | **894** | **68** |

Ба ҳар як трактори коршоям 31 гектар замини корам, 3,8 гектар майдони боғу ток рост меояд.

*Мушкилоте, ки ҳангоми парвариши зироатҳо ба истеҳсолкунандагон бештар таъсири манфӣ мерасонад, инҳо мебошанд:*

- дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани баъзаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои техникӣ барои таъмири онҳо;
- норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва таъғирёбии нархи равғанҳои молиданӣ ва сӯзишворӣ;
- дар ҳолати корношоям қарор доштани қисми техника ва олотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амортизатсионии онҳо) ва таъмин набудан бо техника ва таҷҳизотҳои муосир;
- набудани ташкилоти лизингӣ дар ноҳия;

Барои рушд додани соҳаҳои кишоварзӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар ноҳия иқтидорҳои истифоданашуда хело зиёд аст. Дар ҳолати ба фаъолият даровадан ва самаранок истифода бурдани онҳо дар чор соли минбаъда рушди бемайлони соҳаҳои кишоварзӣ таъмин хоҳад шуд.

***Заминҳои корами ноҳия ( ба 01.01.16)***

| Р/т | Намуди заминҳои корам | Ҳамагӣ | аз он ҷумла | |
|---|---|---|---|---|
| | | | **Обӣ** | **Лалмӣ** |
| **А.** | **Замини киштшаванда** | | | |
| 1 | Хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ | 9714 | 4228 | 5486 |
| 2 | Хоҷагиҳои наздиҳавлигии аҳолӣ | 2084 | 1052 | 1032 |
| 3 | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | 1233 | 253 | 980 |
| | **Ҷамъ:** | **13031** | **5533** | **7498** |
| **Б** | **Дарахтони бисёрсола** | | | |
| 1 | Хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ | 1542 | 1143 | 399 |
| 2 | Хоҷагиҳои наздиҳавлигии аҳолӣ | 518 | 262 | 256 |
| 3 | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | - | - | - |
| | **Ҷамъ:** | **2060** | **1405** | **655** |
| **В.** | **Заминҳои партов** | 6 | - | 6 |
| | **Замини корам – ҳамагӣ** | **6** | **-** | **6** |
| | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ | - | - | - |
| | Хоҷагиҳои наздиҳавлигии аҳолӣ | - | - | - |
| | Хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | - | - | - |

Дар ноҳия имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои лалмӣ 102 га мавҷуд аст. Истифодаи самаранокӣ заминҳои бекорхобида ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси ҷойҳои навӣ корӣ мусоидат мекунад.

Соли 2015 бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 12345 га кишти зироатҳо гузаронида шуд.

*Майдони кишт, ҳосилнокӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ноҳия*

| Намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ | 2013 | | | 2014 | | | 2015 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Майдони кишт (га) | Ҳосилноки (с/га) | микдор (тн) | Майдони кишт (га) | Ҳосилноки (с/га) | микдор (тн) | Майдони кишт (га) | Ҳосилноки (с/га) | микдор (тн) |
| Ғалладонагӣ | 8090 | 23,6 | 19448 | 8166 | 23,8 | 19819 | 8327 | 23,9 | 20187 |
| Пахта | 755 | 17,8 | 1347 | 692 | 14,1 | 977 | 507 | 15,6 | 789 |
| Загер ва маъсар | 1840 | 4,1 | 755 | 1188 | 5,5 | 653 | 1083 | 6,0 | 655 |
| Сабзавот | 1153 | 264,9 | 39369 | 1345 | 252,0 | 42721 | 1550 | 255,0 | 46010 |
| Картошка | 162 | 264,9 | 5101 | 165 | 218,0 | 3716 | 207 | 212,5 | 4608 |
| Полезӣ | 132 | 50,4 | 666 | 200 | 63,2 | 1269 | 120 | 70,4 | 845 |
| Зироатҳои хӯроки чорво | 698 | 37,2 | 2597 | 586 | 188,8 | 11064 | 550 | 203,2 | 11176 |
| Мевачот | 900 | 59,8 | 5381 | 911 | 59,7 | 5428 | 1003 | 59,1 | 5927 |
| Ангурпарварӣ | 647 | 40,1 | 2597 | 643 | 41,5 | 2666 | 741 | 52,3 | 3873 |

Дар сохтори кишти зироатҳо 67,4 фоиз кишти ғалладона, 4,1 фоиз пахта, 12,6 фоиз сабзавот ва 15,9 фоизро дигар зироатҳо ташкил медиҳад.

**Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он.** Соли 2015 хоҷагиҳои кишоварзӣи ноҳия бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 204,7 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 148,3 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (72,4%) ва 56,4 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (27,6%) рост омад.

Дар истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ (аз ҷумла картошка – 45,6%, сабзавот – 35,0%, меваҷот-2,9%, ангур – 37,6%, хӯроки чорво – 53,1% , ғалладонагӣ -20,2%, полезӣ-15,4%, гӯшт-95,3%, шир- 93,0%, тухм-61,2%, пашм-93,1% ва асал-100%) ва боқимонда ба хоҷагиҳои деҳқонию ҷамъиятӣ рост меояд. Истеҳсоли пахта пурра дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (24,7%) ва хоҷагиҳои ҷамъиятӣ (75,3%) ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳия истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз шароити иқлим, бахусус боришот вобастагии калон дорад ва соле, ки боришот зиёд аст ҳосили фаровон гирифта мешавад.

Дар сурати бунёд намудани гармхонаҳо ва анборҳои замонавӣ ноҳия имконият дорад, ки бозори дохилӣ ва беруниро тамоми сол бо маҳсулотҳои тару тоза таъмин намояд.

Хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия дар баробари парвариши пахта ва ғалладонагӣ инчунин ба парвариши сабзавот, полезӣ ва боғдорӣ машғуланд.

***Сабзавоткорӣ.*** Дар ноҳия парвариши сабзавот ва полезӣ барои таъмини бозори дохилӣ ба роҳ монда шудааст. Ба парвариши сабзавот ва полезӣ хоҷагиҳои аҳолӣ, деҳқонӣ ва ҷамъиятӣ шуғл доранд, ки ҳиссаи онҳо дар парвариши ин маҳсулотҳо мутаносибан 35,0 фоиз, 43,3 фоиз, 21,7 фоиз ва 15,4 фоиз, 44,4 фоиз ва 40,2 фоизро ташкил медиҳад. Дар назар аст, ки парвариши сабзавот ва полезӣ тайи солҳои минбаъда аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекор, обёришаванда ва иригатсионӣ 17-20 фоиз зиёд карда мешавад. Дар ҳолати 30 фоиз васеъ намудани майдони кишти сабзаводу полезӣ истеҳсоли онҳо ба 53,0 ҳазор тонна ва 8,5 ҳазор тонна расонида мешавад (дар ҳолати 248 сентнер ва 170 сентнер аз 1 га)

Хоҷагиҳои ноҳия ба парвариши сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам, картошка, ва поллезӣ шуғл доранд, ки ин намуди маҳсулотҳо сарчашмаи асосии даромади онҳо мебошад.

Барои дар оянда бозори дохилиро ба маҳсулоти тару тоза дар тамоми мавсим таъмин намудан, бунёди гармхонаҳои махсус ба мақсад мувофиқ аст, зеро иқлими ноҳия барои парвариши сабзавот мувофиқ аст. Дар ноҳия барои парвариши маҳсулоти сабзавотӣ гармхонаҳо бунёд шудаанд ва то соли 2020 сохтмони 5 гармхонаи дигар дар ҷамоатҳои А.Ҳасанов, Чуст, Боғистон, Истиқлол ва Сабо дар назар аст.

***Богу токпарварӣ.*** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромаднокии ноҳия аст. Ин соҳа хусусияти стратегӣ низ дорад, зеро дар афзун гардонидани бозори дохилӣ ва берунӣ бо меваи тару тоза нақши муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия мебошад.

Иқлими ноҳия имконият медиҳад, ки майдони боғро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил васеъ намуда, талаботи бозори дохилӣ ва берунӣ пурра бо меваи тару тоза таъмин шавад. Ҳоло дар ҷамоатҳои деҳоти ба номи  А.Ҳасанов, Боғистон, Чуст, Истиқлол ва Сабо парвариши меваҳои донакдор ва ток ба роҳ монда шудааст.

Дар давоми се соли охир истеҳсоли мева ва ангур мутаносибан 5 ва 2,5 маротиба зиёд шудааст, ки ин аз ҳисоби ба ҳосил даромадани боғу токзорҳои нав мебошад.

Дар давоми солҳои 2010-2015 дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия 951 га боғи нав бунёд карда шуд, ки аз ин 149 га меваҳои тухмакдор, 569 га меваҳои донакдор ва 205 га токзор мебошад. Дар ҳолати ба ҳосил даромадани онҳо истеҳсоли мева 21000 тонна афзоиш меёбад (дар ҳолати 50 сентнер аз як га).   Инчунин дар давоми солҳои 2018-2021 аз ҳисоби заминҳои талу теппа ва заминҳои обӣ бунёди 103 га боғу токзори нав пешбини шудааст. Дар натиҷаи бунёди боғу токзорҳо  зиёда аз 2425 нафар аҳолии маҳаллӣ бо корӣ доимию  мавсимӣ таъмин хоҳад шуд. Илова бар ин тайи чор соли оянда 9,5 га бунёди боғи интенсивӣ пешбинӣ шудааст.

Солҳои охир истифода набурдани захрхимикатҳо ва нагузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ ба муқобили ҳамагуна ҳашаротҳои зараррасон ва боло шудани сатҳи оби зеризаминӣ боиси аз ҳосил мондани боғу токзорҳо гардидааст. Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо, ҳашаротҳои зараррасон ва паст кардани сатҳи оби зеризаминӣ метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва афзоиши истеҳсоли меваҷот мусоидат намояд.

Оянда дар ҶДММ “ИИАС Шаҳринав”, ҶДММ “Зарнисор”, хоҷагии деҳқонии “Сомониён”, Ҷамоати деҳоти ба номи  А.Ҳасанов бунёди анборҳои махсус барои нигоҳ доштани мева дар назар аст, ки ин метавонад ҳосили ба дастовардаи меваро дар мавсими ҷамъоварӣ тару тоза ва солим нигоҳ дорад.

**Системаи обёрии заминҳои кишоварзӣ.** Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилиҳои асосии ҷойдоштаи соҳаи кишоварзӣи ноҳия мебошад. Ҳалли мушкилиҳои мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар ноҳия 7497 га заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ (бо назардошти заминиҳои маҳалҳои аҳолинишин) мавҷуд аст, ки аз ин 1250 га тавассути 7 пойгоҳи обкашӣ 1) Пойгоҳи обкашии Қаратоғ 0,4,  2) Пойгоҳи обкаши Қаратоғ, 3) 2 бардошти пойгоҳи обкашии Қаратоғ - нав, 4)  Пойгоҳи

обкашии Чузи 0,4 , 5) Пойгоҳи обкашии дохили хоҷагии ПАПО, 6) Пойгоҳи обкашии хоҷагии деҳқонии ба номи И.Меликмуродов, 7) Пойгоҳи обкашии хоҷагии деҳқонии ба номи И.Ҳамзаев бо 17 агрегат, (аз он 6 агрегат дар ҳолати корӣ буда 11 агрегат таъмирталаб) обёрӣ карда мешавад. Айни ҳол аз 7 пойгоҳи обкашӣ 3 пойгоҳи обкашӣ кор карда истодааст. Манбаи асосии обгирии пойгоҳҳои обкашӣ дарёи Қаратоғ ва канали калони Ҳисор мебошад. Дар ноҳия 483 га заминҳои обӣ дар ҳолати ғайримелиоративӣ қарор дорад (аз рӯи ҷамоатҳо, Ҷамоати деҳоти Боғистон 133 га, Сабо 97 га, Чуст 76 га, А.Ҳасанов 67 га ва Истиқлол 110 га).

Барои пешгирӣ намудани ҳолати хуби мелиоративии 650 га замин дар солҳои 2018-2021 дар сойҳои Қурук -Санглоқ, селгузари Кули дароз, коллектори В-2 Ҷамоати деҳоти Чуст, коллектори К-1 ва Р-1 Ҷамоати деҳоти Боғистон гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва тоза кардани коллекторҳоро ба роҳ мондан лозим аст.

Дар ҳолати беҳтар кардани 483 га замини ғайрқаноатбахш ва ба гардиши кишоварзӣ барои бунёди боғу токзор, парвариши сабзавот ва парвариши пахта ворид намудан аз рӯи ҳосилнокии 21 сентнер аз як гектар истеҳсоли он 1014 тонна ва 4830 нафар аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ ва мавсимӣ таъмин мегардад.

Дарозии шабакаҳои обёришаванда 144 км буда, заҳбуру заҳкашҳо 44 км-ро ташкил медиҳад.

Истифодаи оби кишоварзӣ дар ноҳия

| Сол | Обёрии кишоварзӣ ҳазор м³ | Талафот ҳазор м³ |
|---|---|---|
| 2014 | 35946 | 6391 |
| 2015 | 39570 | 7122 |

**Соҳаи чорводорӣ.** Соли 2015ҳиссаи соҳаи чорводорӣ дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣи ноҳия 27,5 фоизро ташкил дод.

**Истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ дар ҳамаи катигорияҳои хоҷагиҳо**

| *Номгӯи маҳсулотҳо* | *Воҳиди ченак* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | тонна | 1338 | 1404 | 1604 | 1561 | 1569 |
| Шир | тонна | 11814 | 11844 | 12596 | 12679 | 12753 |
| Тухм | хаз. дона | 13966 | 8365 | 5993 | 4620 | 5825 |
| Пашм | тонна | 14 | 17 | 19 | 16 | 16,5 |
| Пилла | тонна | 12 | 15 | 13 | 13 | 13,8 |
| Асал | тонна | 21 | 22 | 24 | 25 | 25,2 |

Аз маҳсулоти истеҳсолшуда гӯшт, шир, пашм, асал қариб пурра дар хоҷагиҳои аҳолӣ ва тухм ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ рост меояд.

**Саршумори чорво ва парранда дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳо**

| *Номгӯй* | *Воҳиди Ченак* | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои калон | Сар | 24158 | 25586 | 26245 | 26616 | 27391 |
| аз ҷумла модагов | Сар | 13227 | 13435 | 13527 | 13592 | 13705 |
| Гӯсфанду буз | Сар | 38495 | 40037 | 42893 | 44152 | 47805 |
| Парранда | Сар | 106182 | 81102 | 61032 | 65079 | 101844 |
| Асп | Сар | 493 | 504 | 512 | 514 | 527 |

Аз саршумори умумӣ 93,0 фоиз чорвои калон, 70,1 фоиз гӯсфанду буз, 42 фоиз парранда, 51 фоиз асп ба хоҷагиҳои аҳолӣ ва боқимонда ба хоҷагиҳои ҷамъиятию деҳқонӣ таълуқ дорад.

Ҳамасола дар ноҳия 4180 сар гӯсола гирифта мешавад ва соли 2021 саршумори модагов аз 13705 ба 16050 сар расонида мешавад. Дар ҳолати аз ҳар сар модагов гирифтани 25 кг шир дар як рӯз, истеҳсоли шир дар хоҷагиҳои ноҳия дар соли 2021 ба 20000 тонна мерасад.

Дар хоҷагиҳои чорводории ноҳия ҳамасола чорвои калони шохдор ва майда забҳ карда мешавад, аз сабаби набудани нуқтаҳои қабули пӯст ва пашм қисми зиёди онҳо ба партовгоҳҳо партофта мешаванд. Инчунин нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ бо таҷҳизотҳои замонавӣ муҷаҳҳаз нагардидаанд.

Ташкил намудани коргоҳҳои хурду миёна барои коркарди гӯшт, шир, пашм яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб ёфта, метавонад дар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани дараҷаи даромаднокии хоҷагиҳо заминаи устувор гузорад.

**Парвариши гӯсфанди зоти Ҳисорӣ.** Аз рӯи нақшаи кории Вазорати кишоварзӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва худи муассиса зиёд намудани саршумори гӯсфанди зоти ҳисорӣ ва хуб ба роҳ мондани корҳои зотпарварӣ ба мақсад гузошта шудааст.

Дар муассиса 505 сар гӯсфанд мавҷуд аст. Аз рӯи гардиши саршумори чорво дар солҳои наздик чорво ба 1450 сар расонида мешавад. Барои солиму фарбеҳ нигоҳ доштани саршумори гӯсфандон, муассиса кашар надорад. Барои сохтани кашар замин ҷудо карда шудааст, вале бо сабаби набудани маблағ сохтмони он оғоз нагардидааст. Айни ҳол 80 фоизи гӯсфандони зоти ҳисорӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ мебошад.

**Байторӣ.** Рушди соҳаи чорводориро бе хизматрасонии босифати байторӣ (бахусус ҳангоми пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда) тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои қарасон (эмкор), хорӣ (бешенство), ящур, сибирская язва, кирмҳои даруни, кирмҳои пӯст, брутселлёз, бразот, энтеротоксимия ва варами шуши моли майда ба мушоҳида мерасад. Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд (сӯхтанӣ – 100 %, вабои сумдард 12 %, гули моли майда 10 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-40%).

Байторӣ яке аз соҳаи муҳими хизматрасонии хоҷагии халқ ба ҳисоб рафта, дар рушди соҳаи чорводорӣ, паррандапарварӣ, занбӯрпарварӣ, моҳипарварӣ ва ғайра нақши асосиро мебозад. Дар самти солимии ҷомеа ва роҳ надодан ба воридшавии барангезандаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот аз ҳудуди дигар минтақаҳо ба қаламрави ноҳия, таъмини ҳифзи саломатии инсон, пешгириҳои касалиҳои сирояткунандаи ҳайвонот, ки ба инсон мегузарад, бехатарии биологии маҳсулоти хӯрокаи инсон аз ҷумлаи гӯшт, шир, ва маҳсулоти ширӣ, растани дар бозорҳо саҳми худро мегузорад. Барои амалисозии вазифаҳои хизматӣ дар ноҳия набудани салоххонаи марказонидашуда ва таҷҳизоти ҷасадсузонӣ (криматория) барои пешбурди кори баёторӣ мушкилӣ ва монеагии зиёдеро пеш меорад.

Аз ин лиҳоз сохтмони салоххонаи марказонидашудаи ноҳиявӣ бо техникаю технологияҳои инноватсионӣ ба мақсад гузошта шудааст.

Мушкилоти дигар ин дар хоҷагиҳои ноҳия набудани нуқтаи безараргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯи чорво, бахусус, барои чорвои гирифтори касалиҳои сироятӣ) мебошад. Бунёди нуқтаҳои безараргардони ва муҷаҳҳаз гардонидани клиникаҳои байторӣ (аз ҷумла, дар сатҳи ҷамоатҳо) бо техникаю технологияҳои муосир афзалияти аввала барои соҳа мебошад.

Масъалаи муҳимтарин ин ҳифзи ҳудуди ноҳия аз воридшавии ангезаҳои бемориҳои карантинии ҳайвонот (аз ҷумла парранда, ҳайвоноти мӯинадор, занбӯри асал, моҳӣ ва ғайра) мебошад.

Дар баробари мушкилоти номбаршуда нарасидани мутахассисони баландихтисос дар ноҳия низ ба назар мерасад, ки ин ба пешбурди соҳа таъсири манфӣ мерасонад.

**Хоҷагии ҷангал.**Дар ноҳияи Шаҳринав 39874 га ҷангалу бешазор, 1018 га буттазор мавҷуд аст. Дар ҷангалзорҳои ноҳия асосан дарахтони арча, сафедор, ар-ар, хуч ва чормағз парвариш меёбанд. Дар доираи "Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон" масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳтар намудани ҳолати муҳити зист, пешбинӣ шудааст

Дар ноҳия гиёҳҳои шифобахш аз қабили ҷамилак, испанд, ниҳолҳои хуч, ангат ва дигар дарахтону гиёҳҳои шифобахш мерӯянд, ки имконияти дар соҳаи дорусозӣ истифода бурдани онҳо вуҷуд дорад. Дар ҷангалзорҳои ноҳия ва ҳудуди заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёда аз 50-60 намуди гиёҳҳои шифобахш мерӯянд. Инчунин, шароити иқлим ва набототи ноҳия имкон медиҳад, ки хоҷагии ҷангали ноҳия оилаи занбӯри асалро бештар намоянд.

Касалии дарахтон, норасогии техника ва мавҷуд набудани коргоҳи коркарди мева ва дигар маҳсулоти ҷангал дар ноҳия, мушкилоти соҳа маҳсуб меёбанд.

## 2.2. Соҳаи саноат

Соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти нақши муҳимро мебозад. Соҳаи саноати ноҳия аз корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, коркарди итеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, корхонаи коркарди пахта ва коркарди нафт иборат аст. Дар ноҳия 10 корхонаи хурду миёнаи саноатӣ ҶСК «Шаҳринав», ҶДММ «Орди Шаҳринав », ҶДММ «Сангрезаи Шаҳринав», ҶДММ «Капитал», ҶДММ «Баракати Шаҳринав», ҶДММ «Баракат», ҶДММ «Очур», ҶДММ «Шараф», ҶДММ «Сафо-2015», ҶДММ «ПАПО Шаҳринав» фаъолият менамояд. Корхонаҳои саноатии ноҳия соли 2015 дар ҳаҷми 24791,9 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбат ба соли 2012 - 186 фоиз ё ин ки 11,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

***Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2012 – 2015***

***( млн. сомонӣ)***




Мутобиқи нақшаи дурнамо дар ноҳияи Шаҳринав, ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2021 бо назардоршти ба истифода додани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда 35,0 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар ҳудуди ноҳия Шаҳринав то соли 2021 бунёди корхонаҳои истеҳсолии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (сехҳои консервабарорӣ, афшурдаи мева ва пастаи помидор), сехи равғанкашӣ, нӯшокиҳои ташнашикан ва ҳасиббарорӣ, сехи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ,

сехи истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, сехи истеҳсоли маҳсулоти пластикӣ, сехи истеҳсоли мебел дар назар аст.

***Нишондиҳандаҳои дурнамои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2018-2021***

***(млн.сомонӣ)***




Дар соли 2015 корхонаҳои саноати новобаста аз шакли моликияташон бо назардошти истифодаи қувваи барқ ва оби нушоки ба маблағи 24791,9 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноати истеҳсол намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 60333,3 ҳазор сомонӣ кам буда, 29,1 фоизро ташкил намуд. Сабаби камшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2015 фаъолият накардани ҶСП «Газпром ЭП Интернейшнл сервиз» ва ҶДММ «Капитал» мебошад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатии ноҳия дар соли 2013-2015*

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Воҳиди ченак | Истеҳсоли маҳсулот ба намуди аслӣ | | | Истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоби маблағӣ (ҳаз. сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | |
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2013 | 2014 | 2015 |
| 1. | ҶСК «Шаҳринав» | | | | | | | |
| | Шароб | дал | 437,0 | 435,5 | 600,4 | | | |

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Воҳиди ченак | Истеҳсоли маҳсулот ба намуди аслӣ | | | Истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоби маблағӣ (ҳаз. сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | |
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2013 | 2014 | 2015 |
| | Арақ | дал | 1450,0 | 1700,0 | 1550,0 | | | |
| | Шампон | дал | 100,0 | 100,0 | 50,4 | 118,8 | 171,4 | 203,7 |
| | Обҳои ранга | лт | - | 3000,0 | 9000,0 | | | |
| | Обҳои маъданӣ | лт | - | 3000,0 | - | | | |
| | Оби хуч | лт | - | 500 | - | | | |
| | Лимонад | лт | - | - | 4500,0 | - | - | - |
| 2 | ҶДММ «Орди Шаҳринав» | | | | | | | |
| | Орд | тн | 6757,0 | 487,5 | 637,5 | 169,9 | 51,5 | 62,5 |
| 3 | ҶДММ «Сангрезаи Шахринав» | | | | | | | |
| | Шебени майда | $м^3$ | 5542,5 | 6503,0 | 9126 | | | |
| | Қуми майда | $м^3$ | 2147,5 | 4400,0 | 3127 | 231,4 | 335,0 | 365,1 |
| | Хишти сементӣ | дона | 35,1 | 52,9 | 54,3 | | | |
| 4 | ҶДММ «Капитал» | | | | | | | |
| | Бензин | тн | 412,5 | 416,0 | 295,0 | 18374,2 | 23613,1 | 12443,3 |
| | Сӯзишвории дизелӣ | тн | 1748,8 | 2348,5 | 1610,0 | | | |
| | Мазут | тн | 2730,2 | 3877,1 | 2355,8 | | | |
| 5 | ҶДММ «Баракати Шаҳринав» | | | | | | | |
| | Нахи пахта | тн | 485,0 | 248,8 | 201,8 | | | |
| | Чигит | тн | 830,0 | 426,0 | 336,6 | 419,7 | 225,8 | 1100,0 |
| | Тибит | тн | 18,0 | 8,2 | 4,4 | | | |
| 6 | ҶДММ «Меҳрангези Ҷамшед» | | | | | | | |
| | Хишти пухта | ҳаз дона | 30,0 | - | - | 15,0 | - | - |
| 7 | ҶДММ «Баракат» | | | | | | | |
| | Хишти пухта | ҳаз дона | 260,0 | - | 540,0 | 136,0 | - | 249,1 |
| 8 | ҶДММ «Очур» | | | | | - | 10,0 | 10,4 |
| | Хишти хом | ҳаз дона | - | 25,0 | 25,5 | | | |
| 9 | ҶДММ «Шараф» | | | | | | | |
| | Консерваҳои мевагӣ | хқш | 42,8 | 23,3 | 36,0 | | | |
| | Консерваҳои сабзавотӣ | хқш | 67,8 | 51,6 | 35,8 | 146,3 | 95,0 | 87,4 |
| 10 | ҶСК «Газпром ЭП Интернешнл» | | | | | | | |
| | Кофтукови газ | | - | - | - | 137400,0 | 52136,9 | - |

Дар корхонаҳои саноатии ноҳия 288нафар коргарон фаъолият мекунанд, ки ин ба 4,2 фоизи шумораи кормандони ноҳия баробар аст. Музди меҳнати миёнаи коргарони корхонаҳои саноатӣ соли 2015 мутобиқи маълумоти расмии оморӣ 577,5 сомониро ташкил мекунад. Саҳми корхонаҳои саноатии ноҳия дар рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳия назаррас мебошад. Аз ҷумла, дар давоми солҳои 2012 - 2015 аз ҷониби

корхонаҳои саноатии ноҳия зиёда аз 300 ҷойҳои нави кории мавсимию доимӣ ташкил карда шудааст.

Ҳамзамон, ҳиссаи корхонаҳои саноатии ноҳия дар ташаккули буҷети маҳаллӣ дар солҳои 2013- 21% (ё 7407 ҳаз. сомонӣ), соли 2014 – 35% (ё 12924 ҳаз. сомонӣ) ва соли 2015 -28% (ё 10608 ҳаз. сомонӣ)-ро ташкил медиҳад.

**Ҳолати корхонаҳои саноатӣ.** Корхонаҳои саноатии ноҳия бо таҷҳизотҳои истеҳсолӣ муҷаҳҳаз мебошанд, вале таҷҳизоти баъзе корхонаҳо кӯҳнаю фарсуда гаштаанд, ки ба ҷараёни истеҳсолот ва ба сифати маҳсулот таъсири манфӣ мерасонанд.

*Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳияи Шаҳринав ба ҳолати 1.01.2016*

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Намуди фаъолият аз рӯиистеҳсоли махсулот | Иктидори лоиҳавӣ дар як сол (хазор) | Иктидори вокеъӣ | Ҳолати техникии ҳозира | Мол-истеъмолкунандагон | Шумораи вокеиикормандон (нафар) | ҷойҳои нави кори дар доираи иктидорҳои лоиҳавӣ (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Истехсоли махсулоти сохтмони** | | | | | | | |
| 1 | ҶДММ «Баракат» | **Хишти пухта** | **1000,0** | **540,0** | **хуб** | **Бозори дохилӣ** | **12** | **25** |
| 2 | ҶДММ «Очур» | **Хишти хом** | **100,0** | **25,5** | **хуб** | **Бозори дохилӣ** | **10** | **15** |
| **3** | ҶДММ «Сангрезаи Шахринав» | **Қуму шағал** | **15,0** | **12,2** | **хуб** | **Бозорид охилӣ** | **32** | **8** |
| | **Коркарди махсулоти кишоварзӣ** | | | | | | | |
| 4 | ҶДММ «Баракати Шахринав» | **Коркар-ди пахта** | **10,0** | **0,7** | **хуб** | **Бозори дохилӣ** | **10** | **45** |
| | **Истехсоли махсулоти хуроквори** | | | | | | | |
| 5 | ҶДММ «Шараф» | **Истехсо ли консерв а** | **14,0** | **143,6** | **хуб** | **Бозори дохилӣ** | **8** | **22** |
| 6 | ҶДММ «Сафо 2015» | **Коркар ди шири** | **8,6** | **4,3** | **хуб** | **Бозори дохилӣ** | **2** | **10** |
| 7 | ҶДММ «Орди Шахринав» | **Истехсо ли орд** | **-** | **833,0** | **хуб** | **Бозори дохилӣ** | **2** | **16** |
| | **Истехсоли нушокиҳои спирти** | | | | | | | |
| 8 | ҶСК «Шахринав» | **Истехсо ли нушоки ҳои спирти** | **30** | **2,2** | **хуб** | **Бозори дохилӣ** | **33** | **10** |
| 9 | ҶДММ «ПАПО Шахринав» | **Истехсо ли нушоки ҳои спирти** | | **35,5** | | **Бозори дохилӣ** | **11** | **25** |
| | **Истехсоли махсулоти нафти** | | | | | | | |
| 10 | ҶДММ «Капитал» | **Коркар ди нафти хом** | **50,0** | **4425,5** | **хуб** | **Бозори дохилӣ** | **6** | **15** |

Аз маълумотҳои дар боло зикргардида бармеояд, ки аз шумораи умумии корхонаҳо ҶДММ «Орди Шаҳринав» бо сабаби гарон шудани интиқоли гандум аз Ҷумҳурии Қазоқистон, ҶДММ «Меҳрангези Ҷамшед» бинобар сабаби дур ҷойгирифтани корхона аз ашёи хом ва норасоии маблағ, корхонаи ҶСК «Газпром Интернешнл» бо сабаби корҳои ташхисӣ то моҳи сентябри соли 2018 муваққатан фаъолият намекунад. Аз тарафи дигар бинобар сабаби маҳдуд будани бозори фурӯш, гарон будани хароҷотҳои истеҳсолӣ (сӯзишворӣ ва барқ) кӯҳнаю фарсуда гардидани таҷҳизотҳои технологӣ, душвору мураккаб будани механзми дастрасии қарзҳои имтиёзноки (дарозмӯҳлат) бонкӣ ҳамаи ин омилҳо сабаби номураттаб фаъолият кардани корхонаҳои мазкур мебошад.

**Иқтидорҳо.**Ноҳияи Шаҳринав минтақи рушдёфтаи потенсионали саноатӣ ба шумор меравад. Дар баробари он мавҷудияти кадрҳои баландихтисоси соҳаи саноат, аз рӯи ҷойгиршавӣ мавзеи мусоиди ҷуғрофӣ, дастрасӣ ба захираҳои обӣ ва дигар сарватҳои табиӣ барои рушди соҳаи саноат дар оянда заминаи хуб фароҳам хоҳад овард. Яке аз калонтарин корхонаи саноатии иқтидораш бузург дар ноҳия ҶСК «Газпром Интернешнл» мебошад. Натиҷаи тадқиқотҳои геологӣ муайян намуд, ки дар мавзеи Сариқамиш кони нефт мавҷуд аст. Кормандони соҳа муайян намуданд, ки дар қаъри замини Сариқамиш тақрибан 5 млн. тонна нефт мавҷуд аст. Дар кони мазкур 6450 метр корҳои пармакунӣ иҷро гардида барои ташхис то сентябри соли 2018 корҳои ташхисӣ гузаронида мешавад. Фаъолиятиояндаи корхонаи мазкур дар доираи ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда аз он вобастагӣ дорад.

Барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат дар доираи Барномаи мазкур чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- сохтмони корхонаҳои нав бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ ва бозори истеъмолӣ;
- ба роҳ мондани истеҳсоли навъҳои нави маҳсулот дар корхонаҳои амалкунандаи ноҳия;
- дастгирӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорон ва бахши хусусӣ ҷиҳати бунёду рушди истеҳсолоти саноатӣ дар ноҳия.

**Дурнамо.** Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамои МИМҲД-и ноҳияи Шаринав, болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2021 нисбати соли 2015 ба 41,1 фоиз аз ҳисоби ба кор даровардани иқтидорҳои нави саноатӣ ва технологияҳои муосир оиди коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар назар аст.

Ҳамзамон дар Барнома ба истифода додани 10 корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ пешбинӣ мегардад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 35,0 миллион сомонӣ расонида хоҳад шуд.

Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи саноати шаҳр тибқи дурнамо дар чор соли оянда ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад.

**2.3.Соҳибкории хурду миёна.**

Дар раванди ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ, соҳибкории хурду миёна муҳаррики асосии пешбарандаи инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт маҳсуб гашта барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ҷараёни идоракунӣ, такмили низоми бонакшагирӣ ва фаъол намудани таркиби истеҳсолот, мӯътадил гардонидани вазъи молиявии корхонаҳо, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзун намудани бозори истеъмолӣ заминаи воқеъӣ мегузорад.

Соҳибкории хурду миёна дар ноҳия бештар дар бахшҳои тиҷорати хурд (фурӯши маҳсулоти хӯроквори, либосворӣ, асбобу анҷоми рӯзғор, доруворӣ , сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти кишоварзӣ), тайёр ва пешниҳод намудани ғизои ҷамъиятӣ (чойхона, ошхона ва тарабхонаҳо), пешниҳоди хизматрасониҳои маишӣ (сартарошхона, таъмири пойафзол, сауна ва ҳаммом, дӯхти либос, оҳангарӣ, таъмири автомобилҳо ва ҷиҳози барқӣ), хизматрасониҳои бонкӣ (ташкилотҳои қарздиҳии хурд), алоқа (марказҳои дилерӣ, хизматрасонии интернетӣ), бозиҳои шавқовар (идораҳои букмекерӣ, лото, лимпопо (ҷой барои бозиҳои кӯдакона), фурӯши чиптаҳои лотереяи бурднок, саққозанӣ ва ғайраҳо) ба роҳ монда шудааст.

**Ҳиссаи СХМ дар ташаккули буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳринав (млн.сомонӣ)**




Таҳлил нишон дод, ки бахши соҳибкорӣ дар соли 2015 ба андозаи 55 фоиз, дар соли 2014 (2 баробар) ва дар соли 2013 (17%) дар ташаккули қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳисса гузоштааст. Аён аст, ки мавқеи аввалро дар ин зина ҳиссагузории соли 2015 ишғол менамояд ва мунтазам ин тамоюл дар давоми солҳои 2014 ва 2015 мутаносибан 1,7 ва 1,4 фоиз афзун гаштааст. Чунин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки гарчанде шумораи субъектҳои соҳибкори зиёд шуда бошад ҳам, вале мутаассифона рушди соҳибкории

хурду миёна (ба истисной соҳибкории ба саноат дахлдошта) аз нигоҳи иқтисодӣ дар ноҳияи Шаҳринав фаъол намебошад.

***Имкониятҳои рушди соҳа.*** Дар доираи захираҳои ноҳия имконияти таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, ки маҳсулоти тайёр тавлид мекунанд, мавҷуд аст. Дар раванди татбиқи Барномаи рушди ноҳия шароити мусоид барои ташкили сехҳои консервакунонии меваю сабзавот, коркарди гӯшту шир, коркарди сабзавот (чипси, пиёз ва сабзии хушккардашуда), маҳсулоти кондитерӣ, коркарди пӯсту пашм, ташкили ҳавзҳои моҳипарварӣ фароҳам оварда шавад.

Дар сурати ташкил намудани субъектҳои нави соҳибкории инфиродӣ ва хурду миёна, эҳтимолияти таъсис додани ҷойҳои нави корӣ то соли 2021 ба миқдори 8121 адад имконпазир мебошад.

*Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2013-2015*

| Номгӯи соҳаҳо | Шумораи субъектҳои СХМ ба ҳолати 01.01.2016 (адад) | Шумораи ҷойҳои корӣ аз рӯи солҳо | | | Миқдори ҷойҳои кории таъсисшаванда то соли 2021 (адад) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Саноат | 12 | 296 | 257 | 259 | 349 |
| Кишоварзӣ, аз ҷумла коркард | 1040 | 2390 | 3410 | 4010 | 6025 |
| Сохтмон | 13 | 95 | 110 | 126 | 180 |
| Нақлиёт ва алоқа | 4 | 48 | 47 | 47 | 62 |
| Савдо (хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо) | 49 | 1130 | 1180 | 1176 | 1370 |
| Хизматрасонии бонкӣ ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд | 5 | 97 | 109 | 116 | 135 |
| **Ҳамагӣ** | 1123 | 4056 | 5113 | 5734 | 8121 |

**Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.** Дар инкишофи соҳибкорони хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Айни ҳол, дар ноҳия филиалҳои

- ҶСК «Агроинвестбонк»,
- ҶСК «Ориёнбонк»,
- Бонки давлатии амонатгузорӣ «Амонатбонк»,
- Бонки «Эсхата»,
- ҶСК «Тоҷиксодиротбонк»

Дар баробари ин, ТАҚХ «Арванд», ТАҚХ «Финка», фаъолият доранд, ки ба амалиётҳои бонкӣ машғуланд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳраку деҳот бонкҳо ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат медиҳанд. Барои

фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби бахшу шуъбаҳои бонкҳо дар давоми соли 2015 ба маблағи 7713,0 ҳазор сомонӣ пешниҳод гардидааст, ки ин нисбати соли 2014 тақрибан 65 % кам мебошад.

Хизмати бонкҳои ваколатдор дар кори ба аҳолӣ бо пӯли накди асъори хориҷӣ бозпас додани маблағҳои ғайринакдии аз мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ интиқол дода шуда ҷолиби қайд аст ва дар соли 2015 ба маблағи 4510,0 ҳазор доллари ИМА ва 1 745 747,7 ҳазор рубли Федератсияи Руссия, 18,0 ҳазор евро ба сокинони ноҳия дастрас карда шудааст.

*Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ дар тӯли солҳои 2013-2015 (сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии қарзҳои пешниҳодгардида | Шумораи қарз исфодабарандагон | Бахшҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат | Сохтмон | Соҳибкорӣ | Ниёзи ичтимоӣ | Дигар соҳаҳо |
| Филиали БДА «Амонатбонк» | 2013 | 1551500 | 351 | 250 000 | | 207000 | 361500 | 166500 | 666500 |
| | 2014 | 3644700 | 542 | 1211700 | | 455300 | 331000 | 983200 | 663500 |
| | 2015 | 3529600 | 559 | 863000 | | 1046600 | 244000 | 377800 | 733200 |
| | ***Ҳамагӣ*** | ***8725800*** | ***1452*** | ***2324700*** | | ***1708900*** | ***936500*** | ***1527500*** | ***2063200*** |
| Филиали «Агроинвестбонк» | 2013 | 10427122 | 1464 | 1765468 | | | 1805280 | 6856374 | |
| | 2014 | 17704469 | 2527 | 2246627 | | | 4063521 | 11394321 | |
| | 2015 | 9814595 | 1442 | 765613 | | | 2077547 | 6971438 | |
| | ***Ҳамагӣ*** | ***37946186*** | ***5433*** | ***4777708*** | | | ***7946348*** | ***25222133*** | |
| Филиали «Тоҷиксодиротбонк» | 2013 | 5718828 | 232 | | | 845730 | 2428745 | 1187901 | 1256452 |
| | 2014 | 6934125 | 242 | 174000 | | 972644 | 3556721 | 765350 | 1465400 |
| | 2015 | 3986691 | 119 | | | 475400 | 2068784 | 525604 | 916903 |
| | ***Ҳамагӣ*** | ***16639644*** | ***593*** | ***174000*** | | ***2293774*** | ***8054260*** | ***2478855*** | ***3638755*** |
| Филиали Тоҷпромбонк | 2013 | *1837790* | *187* | | | | *1837790* | | |
| | *2014* | *2826191* | *265* | | | | *2826191* | | |
| | *2015* | *2319866* | *180* | | | | *2319866* | | |
| | ***Ҳамагӣ*** | ***6983847*** | ***632*** | | | | ***6983847*** | | |
| Филиали Бонки Эсхата | 2013 | 7174195 | 496 | 1628100 | | 3916750 | | 1629345 | |
| | 2014 | 9140910 | 683 | 1288100 | | 5593900 | | 2258910 | |
| | 2015 | 7337170 | 621 | 1309500 | | 3375700 | | 2651970 | |
| | ***Ҳамагӣ*** | ***23652275*** | ***1800*** | ***4225700*** | | ***12886350*** | | ***6540225*** | |
| Филиали Ориёнбонк | 2013 | 618700 | 29 | 110000 | 120000 | 280000 | | 108700 | |
| | 2014 | 1320900 | 54 | 175000 | | 80000 | 895800 | 170100 | |
| | 2015 | 395600 | 13 | | | 300000 | | 95600 | |
| | ***Ҳамагӣ*** | ***2335200*** | ***96*** | ***285000*** | ***120000*** | ***660000*** | ***895800*** | ***774400*** | |
| ООО МДО Арванд | 2013 | - | - | - | - | - | - | - | - |
| | 2014 | 78730 | 25 | 20300 | 13000 | 20800 | 14639 | 9991 | |
| | 2015 | 171574 | 27 | 48730 | 18000 | 70540 | 19520 | 14784 | |
| | ***Ҳамагӣ*** | ***250304*** | ***52*** | ***69030*** | ***31000*** | ***91340*** | ***34159*** | ***24775*** | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ТАҚХ Финка | 2013 | | | | | | | | |
| | 2014 | 1994778 | 331 | 1476995 | | | 186336 | | 331447 |
| | 2015 | 3231184 | 559 | 1693539 | | | 986018 | | 551627 |
| | ***Ҳамагӣ*** | ***5225962*** | ***890*** | ***3170534*** | | | ***1172354*** | | ***883074*** |
| **Ҷамъ** | | **101759218** | **10948** | **15026672** | **151000** | **17640364** | **26023268** | **36567888** | **6585029** |

**Мушкилиҳои асосие,** ки ҳоло дар ноҳия барои дар сатҳи зарурӣ рушд ёфтани соҳибкории хурду миёна монеа эҷод менамоянд, аз омилҳои зерин иборат мебошанд:

1) набудани маблағҳои иловагӣ барои рушди соҳибкорӣ ва бизнес, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонидани қарзҳо;

2) мураккаб будани низоми бақайдгирӣ бинобар ҷой доштани монеаҳои маъмурӣ;

3) набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занон;

4) вуҷуд надоштани идора (бизнес инкубатор, марказҳои бизнесӣ) оид ба расонидани кӯмаки машваратӣ дар самти ташкил ва рушди бизнес, хусусан роҷеъ ба масъалаҳои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ ва тариқи лизинг ҷалб намудани таҷҳизоти лозима, инчунин вобаста ба дарёфти иттилоот ҷиҳати дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон.

# БОБИ 3. СОҲАИ ИҶТИМОӢ

## 3.1. Соҳаи маориф

Маориф яке аз соҳаи муҳимест, ки дар рушди ҷомеа ва ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва таъмини маълумоти босифат омили асосии расидан ба рушди устувор ва одилона аст.

Бинобар ин, ҳадафи асосии соҳаи маориф дар давоми солҳои 2018-2021 ин:

1. **Таъмини пурраи маълумоти босифат**
2. **То 30% фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ**

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои асосӣ вазифаҳои зерин пешбини шудааст:

1. *То соли 2021 бояд тамоми хонандагон (писарон ва духтарон) имкони гирифтани маълумоти босифатро дошта бошанд.*

*2. Таъмини маълумоти асосии умумӣ (синфҳои 1-9) ва пурра аз байн бурдани нобаробарии миёнаи ҷинсҳо дар маълумоти миёнаи умумӣ (сифҳои 1-11).*

*3. Муҳаё намудани шароит барои гузариш ба низоми таҳсилоти умумии 12-сола.*

Барои дар давоми солҳои 2018-2021 амалӣ намудани ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда татбиқи чунин тадбирҳо дар назар аст.

*- бунёди муассисаҳои таълимии замонавӣ (муасисаҳои томактабӣ ва мактабҳо);*

*- барқарорсозии инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ, мактабӣ ва таъмин намудани онҳо бо гармӣ ва оби софи ошомиданӣ;*

*- таъмини хонандагон бо китобҳои дарсӣ, асбобу аёнияти хониш ва китобҳои тозанашр;*

*- таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омузгорон;*

*- барои ташкили босифати хониш ва идоракунии мактабҳо ҷалб намудани ҷомеа, волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ.*

Тайи солҳои 2018-2021 барои ноҳия соҳаи маориф дар қатори дигар аввалиятҳо на ҳамчун ҳадафи маъмулӣ , балки чун шарти рушди ояндаи ноҳия боқӣ монда, татбиқи самтҳои масоили дастрасӣ ба таълим ва сифати таълимро дар бар мегирад. Барои беҳтар намудани сифати таълим дар чор соли оянда дар мадди аввал бояд ниёзмандии муассисаҳои таълимии ноҳия ба омӯзгорон таъмин карда шаванд. Муассисаҳои таълимии ноҳия ба 52 нафар омӯзгорони фанҳои мухталиф эҳтиёҷот доранд.

**Дараҷаи маълумотнокӣ бо тақсимбандӣ аз рӯи ҷинсият**

| Сол | 2012-2013 | | 2014-2015 | | 2015-2016 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | аз ин зан | Ҳамагӣ | аз ин зан | Ҳамагӣ | аз ин зан |
| Олӣ омӯзгорӣ | 743 | 373 | 802 | 569 | 916 | 530 |
| Олӣ | 101 | 93 | 96 | 67 | 68 | 24 |
| Олии нопурра | 92 | 73 | 106 | 94 | 112 | 91 |
| Миёнаи махсуси омӯзгорӣ | 329 | 235 | 393 | 207 | 367 | 315 |
| Миёнаи махсус | 142 | 128 | 78 | 70 | 181 | 144 |
| Миёнаи умумӣ | 56 | 53 | 70 | 70 | 7 | 6 |
| Эҳтиёҷ ба омӯзгорон | 132 | | 81 | | 52 | |
| **Ҳамагӣ** | **1463** | **959** | **1545** | **1077** | **1651** | **1110** |

*Муассисаҳои томактабӣ.*Дар ноҳия 2 муассисаи томактабӣ (бо шумораи умумии 240 ҷой) фаъолият мекунад, ки ин ҳамагӣ 13,6 фоизи талаботи фарогирии кудаконро ба муассисаи томактабӣ таъмин мекунад. Қисми зиёди муассисаҳои томактабӣ ба таъмири асосӣ ниёз доранд (аз ҷумла кӯдакистонҳои № 1,2) илова бар ин шабакаи гармидиҳии кӯдакистонҳо, ки бо воситаи қувваи барқ кор мекунанд, дар бисёр маврид аз набудани барқ ва оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Инчунин нарасидани маводҳои таълимӣ ва бозичаҳои гуногун ба назар мерасад. Набудани дастрасии пурра ба муассисаҳои томактабӣ барои корёбии занон дар бозори меҳнат монеа эҷод мекунад.

Дар навбати худ, ҳарчанд интихоби таълимгоҳҳои томактабӣ маҳдуд бошад ҳам, ин маҳдудият барои кӯдакони маъюб боз ҳам сахттар аст, зеро

таълимгоҳҳои томактабии мавҷуда ба талаботҳои маъюбон ҷавобгӯй нестанд. Бунёди таълимгоҳои томактабии замонавӣ бо назардошти талаботҳои маъюбон дар давоми соҳои 2018-2021 афзалияти аввалин дараҷа барои ноҳия мебошад.

Ҷиҳати беҳтар намудани фарогирии кӯдакони синни томактабӣ дар назди 29 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия 46 гурӯҳи маркази инкишофи кӯдакон ташкил карда шудааст (бо фарогирии 968 нафар кӯдакон).

*Маълумоти мактабӣ*. Дар ноҳия 53 муассисаи таълимӣ фаъолият дорад, аз ин 8 муассисаи умумии ибтидоии (синфи 1-4), 12 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии асоси (синфи 1-9), 33 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 1-11)

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия (нафар)*

| Соли таҳсил | 2011-2012 | | | 2012-2013 | | | 2013-2014 | | | 2014-2015 | | | 2015-2016 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳо | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар | Ҳамагӣ (нафар) | Писар | Духтар |
| Синфҳои I-IV | 7664 | 3940 | 3724 | 7708 | 3969 | 3739 | 7748 | 3972 | 3776 | 8091 | 4231 | 3860 | 8780 | 4543 | 4237 |
| Синфҳои V-IX | 10274 | 5358 | 4916 | 10149 | 5274 | 4875 | 10090 | 5239 | 4851 | 9691 | 5001 | 4690 | 9424 | 4840 | 4584 |
| Синфҳои X-XI | 2690 | 1508 | 1182 | 2722 | 1496 | 1226 | 2682 | 1462 | 1220 | 2823 | 1535 | 1288 | 2930 | 1591 | 1339 |
| Ҳамагӣ | **20628** | **10806** | **9822** | **20579** | **10739** | **9840** | **20520** | **1673** | **9847** | **20605** | **1767** | **9838** | **21134** | **10974** | **10160** |

Дар ҳоле, ки фарогирии хонандагон ба муассисаҳои таълимӣ хуб ба роҳ монда шуда бошад ҳам, вале идома надодани таҳсил баъди синфи 9 бахусус миёни духтарон ба назар мерасад. Инчунин, мушкилии дастрасӣ ба таълим ба табақаҳои махсуси кӯдакон (кӯдакони маъюб, духтарон (махсусан дар синфи болоӣ), фарзандони камбизоат, фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ ва кӯдакони кӯчагард) дида мешавад. Мушкили дастрасӣ ба таълим ба ин

табақаҳои номрасшуда сабабаҳои гуногун дорад (аз ҷумла набудани шароит барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимӣ, аз қабилӣ маводҳои омӯзишиию китобҳои таълимии мутобиқшуда, таҷҳизот, набудани муаллимони мувофиқ, мушкилоти инфросохтории мактабҳо), кофӣ набудани буҷети оила барои харидорӣ намудани китобу маводҳои хониш, набудани системаи ягонаи гармкунӣ, нарасидани мизу курсӣ, таҷҳизоту компютерҳо, маводҳои аёнӣ, норасоии ашёҳои дарсӣ ва таҳлилӣ, набудани лабораторияҳои фаннӣ ва дигархо).

Барои беҳтар намудани сифати таълим дар давоми солҳои 2018-2021 аз таъмир баровардани як қатор муассисаҳои таълимӣ, бунёди синфхонаҳои нав, ба итмом расонидани бинои мактабҳои сохтмонашон нотамом, бунёди мактабҳои замонавии ба талаботи кунунӣ ҷавобгӯй ва таҷҳизонидани онҳо бо таҷҳизотҳои нав дар назар аст.

*Мушкилиҳои муассисаҳои маорифи ноҳия*

| Номгӯи мушкилотҳо | Номгӯи мактабҳо | Фоиз аз шумораи умумии мактабҳо |
|---|---|---|
| Таъмирталаб будани биноҳои мактабҳо | МТУ№7,11,17,22,24,28,29,31,32,35,42,43,45,51 | 27 |
| Нарасидани синфхонаҳо | МТУ №1,5,7,11,13,15,18,20,22,23,29,31,34,35,42,43,44,53 | 33 |
| Нотамом мондани сохтмони мактабҳо | №6 | 1 |
| Набудани мактабҳои нав | дар деҳаҳои Балхак, Меҳнатобод, кӯчаи Чӯтак УразовЛКТ №11 | |
| Қисман аз кор баромадани таҷҳизотҳои гармдиҳии мактабҳо | МТУ №1,9,15,16,21,14 | 11 |
| Набудани хатти оби нӯшоки дар мактабҳо | МТУ№12,17,22,23,24,29,30,31,32,36,40,42,48,49,50,51 | 30 |
| Набудани толорҳои варзишӣ | МТМУ №1,2,5,7,12,13,17,18,19,20,30,35,39,41,53 | 28 |
| Набудани ошхонаи мактабӣ | МТМУ №3,4,7,11,13,17,18,19,20,26,35,39,41,45,46 | 28 |

***Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ.*** Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 588 компютер мавҷуд буда, ба 15нафар хонанда як компютер рост меояд ва 20 муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи интернет пайваст карда шудаанд. Мушкилот оид ба дастрасии техналогияи муосир ин: набудани тахтаҳои электронӣ, проекторҳо, синфхонаҳои лингафонӣ, синфхонаи лабаратории компютерӣ ва ғайра.

Ҳамаи муассисаҳои таълимии ноҳия ба шакли маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд ва барои гузариш ба низоми таҳсилоти умумии 12-сола омодагӣ мегиранд.

### 3.2. Соҳаи тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ аз хадамоти муташакили давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусии саломатӣ (барои мустаҳкам намудани саломатӣ, пешгирии бемориҳо, хадамоти ташхис, табобат ва нигоҳубини бемор) иборат мебошад.

Ин соҳа барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор бахши муҳим ба ҳисоб меравад, зеро азму талоше, ки барои беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст, рушди нерӯи инсонии кишварро таъмин менамояд.

Ҳадафҳои асосӣ барои соҳаи тандурустии ноҳия дар давоми солҳои 2018-2021 ин:

***1.Коҳиш додани сатҳи фавти кӯдакон.***
***2.Беҳбудии ҳифзи модарон.***
***3.Мубориза ба муқобили бемориҳои сирояткунанда.***
***4.Беҳтарсозии сатҳи химатрасонии тиббӣ ба аҳолии ноҳия.***

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин гузошта мешавад:

1. *Коҳиш додани сатҳи фавти тифлони аз 0 то 1 сола*: 5 бар *1000 зиндатаваллудшуда;*

2. *Паст кардани фавти кӯдакони аз 1 то 5 сола: 20 бар 1000 зиндатаваллудшуда;*

2. *Кам кардани нишондиҳандаи фавти модарон: 21 бар 1000 зиндатаваллудшуда;*

*3.То соли 2021 гирифтани пеши роҳи паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва коҳиш додани дараҷаи беморшавӣ дар ноҳия.*

Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда тадбирҳои зерин дар давоми солҳои 2018-2021 амалӣ карда мешаванд:

- *бунёду барқарор кардани бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар деҳот;*
- *барқарорсозии шуъбаи таваллудхона, ҳуҷраҳои навзодон;*
- *Таъмиру барқарорсозии нуқтаҳои оби тоза дар шуъбаҳои беморхона;*
- *Таъмири санузелҳо, ҳоҷатхонаҳои даруни шуъбаҳо,хатҳои партовгузар;*
- *Бунёди бинои стансияи ёрии таъҷилии тиббӣ ва таъмини он бо автомашинаи махсусгардонидашуда (реанимомобил);*
- *Бунёди шуъбаи лабороторияи клиникӣ-биокимиёвӣ;*
- *бо таҷҳизоти тиббӣ ва доруворихо таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия;*
- *дар сатҳи ноҳия пурқувват намудани чораҳои мубориза бо бемориҳои сирояткунанда;*
- *ташкили чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМБ дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон;*

- *пурзур намудани маъракаи мубориза бо бекичагардонӣ (гелминтозҳо) дар байни кӯдакони то 17-сола;*
- *коҳиш додани камхунӣ миёни занҳои ҳомиладор ва як маротиба зиёд намудани занҳои таваллудкунанда дар шароити муассисаҳои тиббӣ нисбат ба шароити хона;*
- *таъмини муассисаҳои тандурустии ноҳия (бахусус дар сатҳи деҳот) бо мутахассисони маълумоти олидор ва миёна.*

Новобаста аз он, ки солҳои охир дар самти беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия корҳои назаррас ба сомон расонида шуда бошад ҳам, вале дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ мушкили боқӣ мемонад. Ин монеа, махсусан миёни одамоне, ки дар деҳот ва маҳаллаҳои дурдаст аз муассисаҳои тиббӣ зиндагӣ доранд, инчунин оилаҳои камбизоату муҳоҷирон ва шахсони имконияташон маҳдуд ба назар мерасад. Дастрасӣ барои шахсони имконияташон маҳдуд махсусан маъюбон душвор аст, зеро инфрасохтори муассисаҳои тиббиӣ ҳозира барои онҳо мутобиқ гардонида нашудааст. Дар баробари ин, дастнорасии молиявии хизматрасонии тиббӣ ҳам мушкилии умда маҳсуб мешавад. Хароҷотҳои ғайрирасмии тиббӣ (тарифҳои гарони хизматрасонии тиббӣ) дар афзоиши таваллуд дар шароити хона, пинҳон доштани бемориҳои сирояткунада ва сари вақт муолиҷа нашудани беморон таъсири манфии худро мерасонад. Мушкилиҳои ҷойдошта боиси коҳишёбии нишондиҳандаҳои солимии модарон дар ноҳия гардидааст. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагеneталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар), сари вақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, таваллудкунӣдар синни бармаҳал ва камбизоатии занон мебошад.

Беморхонаи марказии ноҳияи Шаҳринав дар маркази ноҳия ҷойгир буда дар давраи басо мушкил барои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 бо камбудиҳои зиёди коммуникатсиони ба истифода дода шудааст. Солҳои 2008-2014 аз ҳисоби маблағҳои буҷаи маҳалли шуъбаҳои ҷарроҳӣ, эҳёгарӣ, кӯдакона, сироятӣ таъмири капиталӣ гузаронида шуд. Системаи канализатсионии тамоми шуъбаҳои Беморхона ба таъмир эҳтиёҷ дорад. Ҳамзамон, шуъбаи лабораторӣи биокимиёвӣ, ки бо шуъбаи қабул якҷоя мебошад, ҳуҷраҳои алоҳида надошта ба талаботи замон ҷавобгӯй нест. Стансияи ёрии таъҷилии тиббӣ дар шароити ғайри стандартӣ қарор дошта, дархостҳо оид ба таъмини таҷҳизотҳои муосир ва беҳтарсозии шароити кори то ба имрӯз аз сабаби нарасидани маблағ ҳалли худро наёфтааст, ки ин ба сатҳ ва сифати хизматрасонии тиббӣ таъсири манфии худро мерасонад. Нишондиҳандаҳои фаъолияти стансияи номбурда бинобар набудани таҷҳизотҳои муосир сол аз сол коҳиш ёфта ба саломатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Таҷҳизотҳои тиббӣ, автомашинаҳо ва дигар таҷҳизотҳои хизматрасони дар стансия фарсуда ва корношоям мебошад.

Баҳри мукаммалсозии дониши кормандони соҳа Маркази байниноҳиявии таълимии ҳамширагони тиббӣ оилавӣ дар ноҳия фаъолият карда истода бошад ҳам, аммо толорҳои маҷлисӣ, семинарӣ ва конфронсӣ

инчунин ҳуҷраҳо барои мураббиён ва дигар таълимгирандагони аз роҳҳои дур омада вуҷуд надорад.

***Саломатии модар ва кӯдак***. Саломатии аҳолии ноҳия вазифаи муҳим дар чор соли оянда буда, ҳадафи асосии он дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ мебошад.

**Шумораи таваллуд ва фавти кӯдакон (нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|
| Шумораи таваллудшудагон | 3285 | 3413 | 3382 |
| Дар муассисаҳои тиббӣ | 3244 | 3391 | 3360 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 98,7% | 99,3% | 99,3% |
| Дар шароити хона | 41 | 38 | 22 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 1,3% | 0,7% | 0,7% |
| Фавти кӯдакони 0 то 1 сола (ба 1000 зиндатаваллуд) | 55 | 57 | 63 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 16,7% | 16,7% | 18,6% |
| Мурдатаваллудшуда | 21 | 22 | 25 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 6,6% | 6,4% | 7,3% |
| Фавти кӯдакони аз 1 то 5 сола (ба 1000 зиндатаваллуд) | 64 | 73 | 85 |
| Фавти модарон (ба 1000 зиндатаваллуд) | 5 | 2 | 2 |
| Бо ҳисоби промилле (%%) | 1,5‰ | 0,5‰ | 0,5‰ |

Таҳлил нишон медиҳад, ки новобаста аз он, ки дар ноҳия зимни вуҷуд доштани сохтори инкишофёфтаи муассисаҳо оид ба репродуктивӣ, тибби оилавӣ, ки ёрии педиатрӣ мерасонад, дастрасӣ ба ҳифзи саломатии навзодон, кӯдакон ва наврасон кофӣ нест. Сатҳи фавти кӯдакони аз 0 то 5 сола дар ноҳия баланд боқӣ монда, соли 2015 нисбати соли 2014 ба андозаи 5,7 банди фоизӣ зиёд шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муҷиби фавти модарон ва кӯдакон сифати бади хизматрасониҳо дар давраҳои антенаталӣ, ҳомиладорӣ ва баъди ҳомиладорӣ мебошад. Коҳиш додани фавти кӯдакон ва наврасон ҳадафи асоси дар давоми солҳои 2018-2021 барои соҳа мебошад.

Дар ноҳия шумораи гирифтории бемории камхунӣ ва ҷоғар байни занҳои таваллудкунанда зиёд мебошад ва дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтори оризаи ҳомиладории занҳо оварда мерасонад (ба оқибатҳои вазнини то фавти модар, кӯдак, мурдатаваллуд).

**Норасоии йод ва оҳан (камхунӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва аз ҳомилагӣ баромада | 2217 | 3699 | 3822 |
| Норасоии оҳан, камхунӣ | 2070 | 2055 | 1851 |
| Бо фоиз: | 93,3% | 55,5% | 48,4% |
| Норасоии йод дар организми занони таваллудкарда, ҷоғар | 982 | 858 | 836 |
| Бо фоиз: | 44,2% | 23,1% | 21,8% |

Сабаби зиёд шудани бемориҳои камхунӣ, норасоии оҳан ва ҷоғар ин саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои хатарноки ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии оилаҳо мебошад.Ҳадафи асосии соҳа тайи солҳои минбаъда андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати бартараф намудани бемориҳои гирифтори камхунӣ, ҷоғар баланд бардоштани иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва коҳиш додани сатҳи кабизоатӣ дар миёни занҳои ҳомила мебошад

Дар чор соли оянда вазифаи асосии бахши тандурустӣ ба андозаи аз чор се ҳисса кам кардани нишондиҳандаи фавти модарон ва ба андозаи аз се ду ҳисса кам кардани сатҳи фавти кӯдакони аз 1 то 5 сола мебошад.

*Бемориҳои паҳншуда.* Бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда дар байни аҳолии ноҳия ин фишорбаландӣ, бемориҳои дил, диабети қанд, саратон, ҷоғар, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони то 14-сола) дар байни кӯдакон, гестозҳо, санги талха ва гурда мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо дар байни аҳолӣ саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ ва дониши тиббии аҳолӣ, камбизоатӣ ва дигар омилҳо мебошад.

*Бемориҳои сироятӣ.* Мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои кишвар дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор буда, ба коҳиш додани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда равона гардидааст.

*Динамикаи тамоюли бемориҳои сироятӣ дар ноҳия*

| **Намуди бемориҳои сироятӣ** | **Воҳид** | **2013** | **2014** | **2015** |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | нафар | 41 | 35 | 41 |
| аз рӯи промилле (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | %% | 3,9‰ | 3,3‰ | 3,8‰ |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | нафар | 362 | 266 | 314 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | %% | 34,9‰ | 25,3‰ | 29,1‰ |
| Гелминтоз | нафар | 748 | 506 | 303 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | %% | 722,2‰ | 479,4‰ | 282,7‰ |
| Гепатит | нафар | 341 | 41 | 96 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | %% | 329,2‰ | 38,8‰ | 88,9‰ |
| Бемориҳои тавассути алоқаи ҷинси гузаранда | нафар | 17 | 8 | 13 |
| Бемории ВМНО/БНММ (ВИЧ/СПИД) | нафар | 5 | 7 | 22 |
| Ҳамагӣ аҳолӣ: | ҳазор нафар | 103,3 | 105,1 | 111,5 |

Солҳои охир шумораи нафарони гирифтори бемории сил, гелментоз, гепатит ва ВМНО/БНММ кам шуда, бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда зиёд шудааст. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ ин

саривақт ташхис нашудани бемориҳо бахусус дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорас мебошанд (муҳоҷирони меҳнатӣ), хизматрасонии пасти рифоҳӣ (коммуналӣ) дар деҳот, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ аст.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Системаи тандурустии ноҳияи Шаҳринав аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

*Муассисаҳои тиббии ноҳияи Шаҳринав*

| | |
|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | Маркази саломатии ноҳиявӣ -1 |
| | Марказҳои саломатии деҳотӣ- 18 |
| | Бунгоҳи тибби -15 |
| Хадамоти бистарӣ | Беморхонаи маркази ноҳиявӣ (201 кат) |
| Марказҳои тиббии махсус | Маркази мубориза бар зидди сил-1 |
| | Маркази ташакули ҳаёти солим-1 |
| | Маркази танзими оила ва солимии репродуктивӣ-1 |
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона-1 |
| | Маркази эмтаъминкунӣ-1 |
| | Маркази тибби оилавӣ-1 |
| | Хадамоти давлатии назорати санитари эпидимеологӣ-1 |
| | Маркази бемориҳои пуст ва зуҳравӣ-1 |
| | Маркази ВИЧ\СПИД-1 |
| | Бошишгоҳи ёрии тиббӣ таъҷилӣ-1 |

Бо дастгирии ВТ ва ҲИАҶТ дастгоҳҳои муосир дастрас шуда бошад ҳам боз норасогиҳои таҷҳизотҳои тиббӣ дида мешавад. Барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизоти муосир аз ҷумла, дастгоҳи кардиоманитор дар сатҳи муассисаҳои КАТС, дастгоҳи эҳёгарӣ барои расонидани ёрии аввалия , дастгоҳи рентгении компьютерӣ , флюрография, дезкамера, гастроскоп, кювез, реанимобил ва дигар таҷҳизотҳои лозима вазифаи аввалин дараҷа аст.

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар чор соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи мазкур аст. *Аз ҷумла:*

- *бад гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ;*
- *набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия (дастгоҳи эҳёгарӣ, дастгоҳи рентгенӣ, флюрография, дезкамера, гастроскоп, кювез,реанимобил);*
- *набудани толорҳои хурду калони маҷлисӣ ва семинарӣ:*

- *набудани биноҳо барои мураббиён ва дарс омузандагони маркази таълимии клиники байниноҳиявии тиббӣ олилавӣ.*
- *Набудани системаи обу канализатсия дар Беморхонаи марказӣ*

**Мушкилоти соҳаи тандурустӣ:**

Дар вагон фаъолият намудани бунгоҳи саломатии деҳаи Лолазор ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштани бунгоҳи тиббии деҳаи Зарнисори Ҷамоати деҳоти Чуст;

Аз навсозии Маркази ташхисӣ табобатӣ дар назди Маркази саломатии ноҳия, набудани таҷҳизотҳои тиббӣ, аз ҷумла ултросадо, таҷҳизотҳои флюрография,

Сохтмони бинои шуъбаи ёрии таъҷилӣ:

Нарасидани автомашинаи ёрии таъҷилӣ;

Нарасидани таҷҳизоти рентгенӣ рақамӣ;

Нарасидани катҳои функсионалии хоби беморон;

Ба таъмир эҳтиёҷ доштани шуъбаи таваллудхонаи БМ;

**3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ**

Ҳолати воқеии соҳа, соҳаи иҷтимоии ноҳия бахшҳои суғуртаи давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, ҳуқуқи кӯдакон, расонидани кӯмаки суғуртавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоатро дар бар мегирад.

*Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.*Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

*Шумораи нафақахӯрон аз рӯи таснифот*

| Гурӯҳи осебпазир | Солхо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
| Нафақахӯрон (аз рӯи синну сол) | 5167 | 5376 | 5476 | 5621 |
| Маъюбон | 1032 | 946 | 915 | 853 |
| Маъюбони модарзод | 566 | 662 | 686 | 684 |
| Бесаробонмондагон | 615 | 637 | 646 | 657 |
| Ҳамагӣ: | 7380 | 7621 | 7723 | 7815 |
| Оилаҳои камбизоат | 550 | 550 | 550 | 550 |

Аз шумораи умумии нафақахӯрон 71,9 фоизи нафақахӯрони аз рӯи синну сол, 10,9 фоиз маъюбон, 8,7 фоиз маъюбони модарзод ва 8,5 фоиз бесаробонмондагон мебошанд. Шумораи кӯдакони маъюб тайи солҳои охир 109 фоиз зиёд шудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки таваллуд шудани маъюбони модарзод дар бисёр маврид аз ҳисоби никоҳи хешутаборӣ мебошад. Дар доираи Барнома тайи солҳои 2018-2021 корҳои таблиғотӣ байни аҳолӣ ба роҳ монда шуда, ба саломатии физиологӣ ва равонии аҳолӣ диққати махсус дода мешавад. Инчунин солҳои минбаъда таъмини маъюбон

бо курси-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (асо, узвҳои сунъи (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) дар назар аст (талабот 30 нафар ба курсӣ аробачаҳои маъюбӣ, 15 нафар ба асобағал, 60 нафар ба асо).

Дар ноҳия 48 нафар кӯдакони маъюб аз сабаби набудани шароит ба муассисаҳои таҳсилотӣ дастрасӣ надоранд. Барои ташкили маълумоти фарогир (инклюзивное образование) дар солҳои минбаъда мутахассисони соҳибтахассусро дар заминаи макотиби олӣ аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ омода намуда, муассисаҳои таҳсилотии  ноҳияро бо онҳо таъмин намудан лозим аст.

*Ҳифзи иҷтимоии кӯдакон.*Ташкил намудани системаи ҳифзи иҷтимоии кӯдакони осебпазир (бепарастор, маъюб, кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ва ё таҳти хавфи ҳуқуқвайронкунӣ қарор доранд, ҳамоҳангсозӣ бо мақомотҳои дахлдор) вазифаи асосӣ дар солҳои минбаъда буда, ҳадафи он дар сатҳи оила ва ҷомеа ба воя расонидани кӯдакон ва ба муассисаҳои доимӣ фиристодани онҳо мебошад. Бо мақсади ҳифзи кӯдакони маъюб “Шӯрои ҷамъиятии оид ба мутобиқгардонии масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии маъюбон” фаъолият менамояд . Дар ҳудуди ноҳия 32755 нафар ноболиғу наврасон зиндагонӣ менамоянд, ки аз он 286 нафар ноболиғони маъюб, 18 ноболиғи ятими кулл, 839 нафар ятимони бепадар(модар) мебошанд. 2598 нафар ноболиғони ниёзманд кӯмакпӯлиҳои давлатӣ мегиранд.

*Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират*. Барои ба танзим даровардан дар ноҳия шуъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ фаъолият дорад, ки дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо дарназардошти вазъи шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат, низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро ташкил намуда, таҳлили ҳолат ва ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолии ноҳия бо ҷои кори доимӣ тайи солҳои 2018-2021 бо дарназардошти ба кордарории иқтидорҳои маҳаллӣ, 1558 нафар шаҳрвандони ноҳия бо ҷои кори доимӣ таъмин карда мешаванд. Аз ҳисоби бунёди корхонаҳои нав,  бунёди боғу токзорҳои нав, ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёда аз 10662  ҷойи нави кории доимию мавсимӣ дар солҳои 2018-2021 таъсис дода мешавад.

Дар ноҳия шумораи умумии аҳолӣ 111,5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 7805 нафарашон бекорон мебошанд. Шумораи аҳолии қобили меҳнат 46865 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 14613 нафар бо ҷои кор таъмин,  8502 нафар дар муҳоҷирати меҳнатӣ  қарор доранд, ки аз он 875 нафарашон занон мебошанд. Дар давоми солҳои 2013-2015 шумораи бекорон дар ноҳия 1,4 фоиз зиёд гардидааст, ки ин дар солҳои 2021 ба 12865 нафар мерасад.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар давоми се сол 180 нафар ба маблағи 577,5 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз барои ташкил намудани фаъолияти соҳибкорӣ дода шудааст.  Дар давоми солҳои   2018-2021 ба 264 нафарбекорон 1032,5 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешбинӣ шудааст.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолии ноҳия ба шумор меравад. Соли 2015 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба ноҳия тавассути бонкҳои ноҳиявӣ 4510,0 ҳазор доллари ИМА, 1745747,7 ҳазор рубли ФР, 18,0 ҳазор евро маблағ ворид гаштааст, ки дар ҳолати самаранок истифода намудани маблағи воридгардида, метавонад ба иқтисодиёти ноҳия мусоидат намояд.

### 3.4. Фарҳанг

*Соҳаи фарҳанг*. Дар ноҳия 29 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 18 китобхона (дорои 127,2 ҳазор адабиётҳои гуногун), 2 қасри фарҳанг, 5 хонаи фарҳангӣ, 1 мактаби саънати бачагона, 1 осорхона, 1 ансамбли фолклори-этнографии «Насими Қаратоғ», боғи фарҳангии ба номи Н.Маъсумӣ, инчунин 12 ёдгории таърихию фарҳангӣ ба қайд гирифта шудааст.

Муассисаҳои фарҳангии ноҳия, бинои китобхонаи марказӣ, осорхонаи ноҳиявӣ таъмиталаб мебошад ва дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия мизу курсӣ, асбобҳои мусиқию навозандагӣ, сарояндагӣ, рассомӣ, рафҳои китобмонӣ, адабиётҳои тозанашр ва таҷҳизотҳои компютерӣ намерасанд.

Тибқи Барнома сохтмони Қасри фарҳангии ноҳия, китобхонаи бачагона дар маркази ноҳия, китобхона дар деҳаи Файзбахши Ҷамоати деҳоти А.Ҳасанов, китобхона дар деҳаҳои Хоҷагулпуш , Зарнисор, Деҳобод, Баҳористони Ҷамоати деҳоти Чуст, Гулистон ва Деҳқонободи Ҷамоати деҳоти Сабо, деҳаи Омадаи Ҷамоати деҳоти Истиқлол сохта ба истифода додан дар назар аст.

Биноҳои театри халқӣ, ансамбли фолклорӣ, хонаи фарҳанги марказӣ, китобхонаи марказӣ ва китобхонаи №4 дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

25 адад муассисаҳои фарҳангӣ: китобхонаи бачагона дар бинои хусусӣ, китобхонаи №3 дар бинои МСД- деҳоти Боғистон, китобхонаи №4 дар бинои мактаби таҳсилоти умумии №7, китобхонаи №5 дар бинои литсейи касбӣ- техникӣ, китобхонаи №6 дар бинои хоҷагии деҳқонии "Ҷавонон", китобхонаи №7 дар бинои хусусии Нарзуллоев И, китобхонаи №9 дар бинои Почтаи тоҷик, китобхонаи №10 дар бинои хоҷагии "Пуштимиёна", китобхонаи №11 дар бинои мактаби 13, китобхонаи №12 дар бинои МСД-и деҳаи Баҳористон, китобхонаи №13 дар бинои Ҷамоати деҳоти Истиқлол, китобхонаи №14 дар бинои мактаби №35, китобхонаи №16 дар бинои шахсии Исоқов Б. қарор доранд.

Қасри фарҳанги Ҷамоати деҳоти ба номи А.Ҳасанов, Ҷамоати деҳоти Боғистон ва хонаҳои фарҳанги Ҷамоати деҳоти Чуст, Ҷамоати деҳоти Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Сабо ба таъмир ниёз доранд.

Боғи фарҳангӣ фароғатии маркази ноҳия ба чархофалак, карусел, гӯшаи афсонавӣ ниёз дорад. Ба мақсад мувофиқ мебуд агар сахнаи намоишгох аз нав сохта шавад. Шуъба бо дастгоҳи ба наворгирӣ, тақвияти овоз,асбобҳои мусиқӣ, ғижжак, танбӯр, чанг, қонун таъмин нест.

Харидории китобҳои тозанашр низ ба талабот ҷавобгӯ нест.

**Мушкилоти соҳаи фарҳанг:**

Набудани бинои алоҳидаи китобхонаҳои деҳот;

**3.5 Варзиш ва сайёҳӣ.** Дар ноҳия як мактаби варзишии кӯдакону наврасон, як муассисаи давлатӣ марказӣ варзишӣ ва толорҳои варзишии алоҳида фаолият менамояд, ки дар онҳо  зиёда аз 500 нафар варзишгар ба 12 намуди  варзиш машғул мебошанд.

Бо мақсади ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба варзиш ва ташаккули ҳамаҷонибаи қобилияти ҷисмонии онҳо  96 нуқтаҳои варзишӣ  аз ҷумла, 3 варзишгоҳ бо ҷойи нишаст, 32 адад майдончаҳои футбол, 20 адад майдончаҳои хурди  волейбол ва баскетбол, 15 толори варзишӣ, 20- адад толори билярд, 5-адад ҳавзи шиноварӣ, 1 маркази солимгардонии варзишӣ барои хоҳишмандон хизматрасонӣ карда истодаанд.

Дар даврони истиқлолият варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи гуногун, аз ҷумла мусобиқаҳои  Вилоятӣ, 17-медал  4-медали тилло, 7-медали нуқра ва 6-медали биринҷӣ,  мусобиқаи ҷумҳуриявӣ ва Чемпионатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 257 - медал  62 медали тилло, 77-медали нуқра ва 118- медали биринҷӣ ва аз мусобиқаҳои байналмиллалӣ 37-медал 18-медали тилло, 8-медали нуқрава 11-медали биринҷӣ ба даст овcovered.

Варзишгарони ҷавони ноҳия парчами ватани азизамонро дар мусобиқаҳои  бонуфузи байналмиллалӣ  баланд бардоштаанд, ки аз зумраи онҳо:

Маҳамадризои  Маҳмашариф аз намуди  самбо дар мусобиқаи Авру Осиё, ки дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, ширкат намуда сазовори ҷойи сеюм гардид. Дар чемпионати Осиё, ки дар шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид ширкат варзида ҷойи якӯм ва медали тиллоро ба даст овард. Худи ҳамин сол дар Чемпионати Ҷаҳон, ки дар шаҳри Сеули Кореяи ҷанубӣ баргузор гардид ширкат намуда  ҷойи сеюм ва медали биринҷиро ба даст овард.

Ҳасанов Фарҳод аз намуди муҳорибаи омехта дар Чемпионати Осиё, ки дар Ҷумҳури Кореяи шаҳри Сеул баргузор гардид иштирок намуда ҷойи дуюм ва медали нуқраро ба даст овард.

Дустмуродова Наргиза аз намуди  Таеквандо (ИТФ)  дар Чемпионати ҷаҳон, ки  дар ҷумҳурии Болгария баргузор гардид ширкат варзида ҷойи сеюмро ба даст овард.

Гадоев Фаридун дар   Кубоки Ҷаҳон оид ба Таэквандо- ИТФ, ки дар Ҷумҳурии Белорусия байни 18 давлат баргузор гардид, ширкат намуда ҷойи аввал ва медали тиллоро ба даст овард.

*Ҷадвали №1. Иштироки варзишгарони ноҳия*
*дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2011- 2015*

| №. | Солҳо | Мусобиқаҳои ноҳиявӣ | Вилоятӣ | Ҷумҳуриявӣ | Байнал-миллалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2011 | 35 | 1 | 53 | 1 | 90 |
| 2 | 2012 | 40 | 2 | 57 | 2 | 101 |
| 3 | 2013 | 45 | 3 | 51 | 4 | 103 |
| 4 | 2014 | 65 | 4 | 48 | 10 | 127 |
| 5 | 2015 | 70 | 2 | 48 | 4 | 124 |

*Маълумот оид ба иншоотҳои варзишии ноҳия*

| № | Номгӯииншоотҳоиварзишӣ | Суроға | Намудҳоиварзишие, ки аз рӯионҳо дар ин толормашғулиятҳоташкилмегард ад |
|---|---|---|---|
| 1. | Варзишгоҳи Марказӣ | Ҷ/д.Шаҳрина в | Футбол, волейбол, вазнбардорӣ, гуштинимиллӣ, Дзю-до, |
| 2. | Варзишгоҳи ҶСП «Паррандапарварӣ» | Ҷ/ш М.Турсунзод а | Футбол, волейбол, |
| 3. | ВарзишгоҳиМуассисаи №10 | Ҷ/д. Боғистон | Футбол |
| 4. | Марказиварзишӣ | Ҷ/д.Шаҳрина в | Вазнбардорӣ, гуштинимиллӣ, Дзю-до,Тэкван-до |
| 5 | Толориварзишии «ШомиҚаратоғ» | Ҷ/д.Шаҳрина в | Вазнбардорӣ |
| 6 | Толориварзишиикӯдаконванаврасо н | Ҷ/ш. М.Турсунзод а | Дзю-до, гуштинимиллӣ |

***Соҳаи сайёҳӣ.*** Ноҳияи Шаҳринав аз давраи Иттиҳоди Шӯравӣ бо истироҳатгоҳи Пансионати Қаратоғ ва мавзеҳои хушбоду ҳавояш сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб менамуд. Айни замон теъдоди истироҳатгоҳҳои хусусӣ зиёд гардида мутобиқ ба шароити муосир мебошад. Дар ноҳия шароити хуби туристӣ фароҳам буда, мавзеҳои Пуштимиёна, Ҳакимӣ, Лаби Ҷай, ХоҷаҲасан, тахти Сулаймон ва кӯлҳои табиии Париён, Темурдара, Ҷувозак, чашмаи моҳиёни Хуҷии боло барои қабули меҳмонони хориҷӣ ва дохилӣ ҷойи мувофиқ аст.  Минтақаи дараи Қаратоғ ба шароити туризми кӯҳнаварди хос буда, баъди таҷдиди роҳҳо то мавзеъҳои номбурда ба минтақаи истироҳативу сайёҳӣ табдил хоҳад ёфт.

Ғайр аз ин дар мавзеъҳои Пуштимиёна, Ҳакимӣ, Лаби Ҷай, Хоҷа Ҳасан, тахти Сулаймон ва кӯлҳои табиии Париён, Темурдара, Ҷувозак бо сохта ба истифода додани иншоотҳои замонавӣ аз қабили меҳмонхона, хонаҳои истироҳатӣ ба мавзеи диданибоб ва истироҳатгоҳи замонавӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ вобаста ба ҳалли мушкилот ва сохтмони иншоотҳои истироҳатӣ, барқарорсозии роҳу пӯлҳо дар мавзеъҳои номбурда ҷалби маблағҳои инвеститсионӣ ва соҳибкорони дохиливу хориҷӣ зарур мебошад.

Дар давоми дусоли охир ба ноҳияи Шаҳринав дар як сол то ба 2000 – нафар сайёҳон ва истироҳаткунандагони дохилию  хориҷӣ  ворид мегарданд, ки 600 – нафарашонро сайёҳони хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки ин имкон медиҳад, ба буҷети ноҳия маблағҳои иловагӣ ворид гардида сатҳи некуаҳолии мардум ва сатҳи иқтисодии ноҳия баланд гардад.

Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ дар дараи Қаратоғ ва ҷалби бештари сайёҳони дохиливу хориҷӣ, аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 10 адад хаймаҳои 4

нафара, 8адад халтаҳои хобравӣ харидорӣ карда шудааст. Бахши сайёҳӣ имкон дорад туристони кӯҳнавардро дар як баст то 40 нафар қабул карда, барои шинос намудани онҳо бо мавзеъҳои таърихӣ ва диданбоби ноҳия мусоидат намоянд.

*Маълумот оид ба иншоотҳои сайёҳии ноҳия*

| № | Номгӯи иншоотҳо | Суроға | Намудҳои фароғат |
|---|---|---|---|
| 1. | Истироҳатгоҳи «Пансионати муоличавии Қаратоғ» | Ҷ/д. Шаҳринав | Истироҳативу фароғатӣ |
| 2. | Хучии боло | Ҷ/д. Чуст | Табобатӣ |
| 3. | Кооперативи Истеҳсолии Ҳакимӣ | Ҷ/д. Шаҳринав | Фароғатӣ |

## БОБИ 4. СОҲАИ ИНФРАСОХТОР

### 4.1. Обтаъминкунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ

***Таъминот бо оби нӯшокӣ***. Дар ҳудуди ноҳия барои таъмини оби нӯшокӣ ва нигоҳубини иншооти обтаъминкунию танзими меъёри об Корхонаи Фаръии Давлатии Обтаъминкунӣ ва инчунин шабакаҳои оби нӯшокие, ки аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ сохта шудаанд, фаъолият менамоянд. Корхонаи Фаръии Давлатии Обтаъминкунии ноҳия Шаҳринав соли 1996 ташкил шуда, дар он 33 нафар коргар фаъолият мекунанд, ки аз ин 3 нафар дорои маълумоти олӣ, 7 нафар дорои маълумоти касбӣ техникӣ ва боқимонда дорои маълумоти миёна мебошанд.

Дар тавозуни корхонаи мазкур 10 насоси оббарорӣ, 11 чоҳи амудӣ, ҳавзи обҷамъкунӣ бо ҳаҷми умумии 3000 м3 ва 2000 м3 25,5 км хатҳои обтаъминкунӣ қарор дорад.

Корхонаи мазкур фаъолияташро дар асоси шартнома ба роҳ монда, дар соли 2015 ҳамагӣ 2730 шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида, дар заминаи он ба 2700 хонавода, 10 ташкилотҳои худмаблағгузор ва 20 ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ хизмат мерасонад.

***Ҳадафи асосии соҳа дар чор соли оянда беҳтар намудани шароити таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ мутобиқи меъёрҳои санитарӣ мебошад.***

*Барои ноил гардидан ба ҳадафи гузошташуда дар давоми солҳои 2018-2021 иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:*

- *Таҷдид ва барқарорсозии шабакаҳои нави обтаъминкунӣ дар ноҳия;*
- *Кам намудани талафоти об тавассути васл намудани обченкунакхо*
- *ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунии дар соҳаи обтаъминкунӣ;*
- *беҳтар намудани сифати оби нӯшокӣ ва паст намудани сатҳи касалиҳои сирояткунанда;*

*Ҳалли вазифаҳои гузошташуда тариқи андешидани тадбирҳои зерин амалӣ карда мешаванд:*

- *Сохтмони шабакаҳо ва хатҳои нави обтаъминкунӣ;*
- *Ба истифода супоридани иншоотҳои нави таъминоти оби нӯшокӣ;*
- *Пурқувват намудани заминаи моддию техникии муассисаи обтаъминкунӣ;*
- *Кашидани хатти оби нӯшокӣ ба маҳаллаҳои нави аҳолинишин;*
- *Иҷрои корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ оиди истифодаи оқилона ва самараноки оби нӯшокӣ;*
- *Сохтмон ва таъмири шабакаҳои нави обтаъминкунӣ, таъмири чоҳҳо ва қубурҳои мавҷуда дар ҷамоатҳои ноҳия.*

***Таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳия дар соли 2015***

| № | Ҷамоатҳо | Аҳолӣ (нафар) | Бо оби нӯшокӣ таъмингардида | %-и аҳолие, ки ба оби нушоки дастрасӣ дорад | Бо оби нӯшокӣ таъмин нест | %-и аҳолие, ки ба оби нушокии дастрасӣ надорад |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҷ/ш ба номи М.Турсунзода | 10552 | 3200 | 30,3 | 7352 | 69,7 |
| 2. | ҷ/д Шаҳринав | 11223 | 6300 | 56,1 | 4923 | 43,9 |
| 3. | ҷ/д Сабо | 17467 | 4170 | 23,9 | 13297 | 76,1 |
| 4. | ҷ/д Чуст | 17135 | 3440 | 20 | 13695 | 80 |
| 5. | ҷ/д Истиқлол | 15255 | 9050 | 59,3 | 6205 | 40,7 |
| 6. | ҷ/д Боғистон | 9413 | 2100 | 22,3 | 7313 | 77,7 |
| 7. | ҷ/д А.Ҳасанов | 27090 | 9200 | 34 | 17890 | 66 |
| | Ҳамагӣ: | 108135 | 42673 | 39,4 | 65462 | 60,6 |

Дар ноҳия 39,4 фоизи аҳолӣ аз оби нӯшокӣ таъмин буда, 60,6 фоизи дигар ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Ҳолати аз ҳама вазнине, ки ба таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ вобаста аст, дар ҷамоати шаҳраки М.Турсунзода, ҷамоати деҳоти Сабо, Истиқлол, А.Ҳасанов, Боғистон ва Чуст ба назар мерасад.Аз шумораи умумии аҳолӣ 11% - тавассути қубурҳои обгузар, 6,2% аз чашма, 81 % аз дарё ва ҷуйборҳо ва 1,8 % аз чоҳҳои амудӣ оби нӯшокиро истеъмол мекунанд. Талафоти шабонарӯзии об дар шабакаҳои обрасонии ноҳия 30-40 фоизро ташкил медиҳад ва аз меъёри муқаррargardида хеле зиёд мебошад. Яке аз сабабҳои асосии талафоти аз меъёр зиёди об, кӯҳнаю фарсуда гардидани қубурҳои обгузар мебошад. Барои таъмиру барқарорсозии шабакаи марказонидашудаи обрасонии маркази ноҳияи Шаҳринав маблағгузории зиёд лозим аст, вале бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявии буҷети маҳаллӣ, иҷрои ин корҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ имконнопазир мебошад. Масъалаи дигаре, ки ҳалли худро пайдо накардааст, ин сари вақт пардохт нагардидани ҳаққи истифодаи об, аз ҷониби муштариён ва истифодабарандагон (аҳолӣ) мебошад.

*Нишондиҳандаҳои асосии хизматрасонии Корхонаи Фаръии Давлатии Обтаъминкуниинохияи Шаҳринав дар тӯли солҳои 2013-2015*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 |
| 1 | Шумораи умумии муштариён (танҳо дар маркази ноҳия-шаҳрак), аз ҷумла | | | | |
| | Аҳолӣ | нафар | 2670 | 2800 | 3118 |
| | Ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 16 | 19 | 22 |
| | Ташкилотхои ғайрибуҷавӣ | адад | 3 | 6 | 9 |
| 2 | Пардохти ҳаққи истифодаи об аз ҷумла: | | | | |
| | Аҳолӣ | сомонӣ | 360943 | 340090 | 361023 |
| | Ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 186119 | 121000 | 93000 |
| | Ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 13117 | 14523 | 18630 |
| 3 | Қарзи муштариҳо дар назди корхона | | | | |
| | Аҳолӣ | сомонӣ сомонӣ | 147000 | 163000 | 131000 |
| | Ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | - | - | - |
| | Ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | | - | - | - |
| 4 | Нархи об (1м$^3$) | | | | |
| | Аҳолӣ | дирам | 60 | 70 | 80 |
| | Ташкилотҳои буҷавӣ | дирам | 80 | 1,20 | 1,60 |
| | Ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | дирам | 1 | 1,60 | 2,60 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | М$^3$ | 959,1 | 940,6 | 920,3 |
| 6 | Талафоти умумӣ | % | 40 | 30 | 15 |

**С**олҳои Шуравӣ дар ноҳия 2 адад хати ташноб (фабрикаи Паррандапарварӣ ва Беморхонаи марказӣ) сохта шуда буд, айни замон фарсудаю корношоям гаштааст. Дар маркази ноҳияи Шаҳринав бошад шабакаи муосири ташнобу корез (канализатсия) мавҷуд нест ва ин омил барои бунёди биноҳои баландошёна монеагӣ менамояд. Бинобар он дар давоми солҳои 2018-2021 яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷа ин сохтмони иншооти пасобтозакуни 8 км хати ташноб мебошад.

Дар давоми солҳои 2018-2021 дар ноҳия мутобики «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2021», ки бо қарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, дар ноҳия иҷрои якчанд тадбирҳо пешбини шудаанд. Маблағгузории чорабиниҳои мазкур дар тӯли солҳои 2018-2021, аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ, тавассути КВД «Хоҷагии манзилию-коммуналӣ» амалӣ мешаванд.

**Хоҷагии манзилию коммуналӣ**

Муассисаи коммуналии назди МИМҲД-и ноҳияи Шаҳринав дар соли 1992 таъсис ёфта, дар ҳайати он коргоҳи кабудизоркунии ноҳия ҳамчунин таъмири роҳу пиёдаравҳои шаҳрак вобаста карда шудааст. Дар корхона 62 нафар коргарон фаъолият мекунанд, ки асосан ба таъмини тозагии

санитарии кӯча ва кашондани партовҳои сахти маишии Ҷамоати шаҳраки ба номи М.Турсузода, Ҷамоти деҳоти Шаҳринав ва Ҷамоати деҳоти Боғистон машғул мебошанд. Корхона ба 31188 нафар аҳолӣ хизмат мерасонад.

Муассисаи коммуналӣ аз 9 адад техника иборат мебошад, 1 адад автомошинаи партовкашонии ГАЗ 53, 1 адад автомашинаи обпошии ЗИЛ,1 адад автомашинаи ГАЗ 53, 5 адад трактор, 1 адад автомашинаи хизматии ВАЗ 05. Техникаҳои мавҷуда дар ҳолати корӣ қарор доранд, аммо аз ҷиҳати техникӣ хеле фарсуда гардидаанд.

***Партовҳо.***

Пардохти ҳаққи истифодаи хизматрасонии коммуналӣ дар соли 2015 – 486,5 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2014 ба андозаи 15 ҳазор сомонӣ ва ё 3,1 фоиз зиёд мебошад. Маблағи солонаи хизматрасонӣ барои ҳар як муштарӣ дар соли 2015 - 141 сомониро ташкил додааст.

Маблағҳои хизматрасонии коммуналӣ барои пурра ҳал намудани ҳамаи корҳои ба зимма гузошташуда ғайриимкон буда, барои таъмири роҳу роҳравҳо ва дигар иншоотҳо маблағ ҷудо карда намешавад. Ба ин нигоҳ накарда бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ҳамасола ба қадри имкон роҳу роҳравҳо таъмир карда мешаванд.

Ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба ҳар як истиқоматкунандаи маркази ноҳия дар тӯли солҳои 2013-2015 ба ҳисоби миёна 1,59 $м^3$ - ро ташкил додааст.

Ҳаҷми умумии партовҳои аз ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои буҷетию ғайрибуҷетии ноҳия баровардашаванда 41%-и ҳаҷми умумии партовҳои сахти маиширо ташкил медиҳад.




Дар чор соли минбаъда фаъолияти корхонаи мазкур бояд ба ҳаллу фасли мушкилиҳои асосии соҳа, аз ҷумла баланд намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ, тавассути ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ, харидорӣ намудани техникаи ҳозиразамон, зиёд намудани шумораи қуттиҳои партовҷамкунӣ, паст будани музди меҳнати коргарон тавассути беҳтар

намудани ҳавасмандгардонӣ мебошад. Инчунин нархи баланди сӯзишворӣ низ боиси баланд гаштани нархи хизматрасонӣ мегардад.

Партовгоҳи марказии ноҳияи Шаҳринав дар масофаи 25 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир шуда, масоҳати умумии он ба 2,2 га баробар аст ва то ҳол гирду атрофи он девори иҳотавӣ надошта, дар мавсими тирамоҳу зимистон роҳи хокии он мушкилгузар мешавад. Илова бар ин, нуқтаҳои партовпартоии мавҷуда талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад ва айни замон зарурати сохтмони нуқтаҳои нав ба миён омада, каналу ҷӯйҳои обпарто низ ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд. Партовгоҳ ба меъёрҳо ҷавобгӯ бошад, ҳам аз сабаби дур ҷойгир будан ва нарасидани техникаҳо самаранок истифода намешавад, дар он барои гуронидани ҷасади ҳайвонот чуқурии махсус пешбинӣ шудааст. Барои беҳтар ташкил намудани хизматрасонии коммуналӣ дар деҳот чораҳои лозима андешида шуда истодаанд. Набудани партовгоҳҳо ва ҷойҳои махсуси несту нобуд кардани онҳо дар сатҳи деҳот ба ҳолати эпидемиологии ноҳия таъсири манфии худро расонида истодааст. Дар ноҳия ҳаҷми миёнаи партовҳои маишӣ ба сари ҳар як истиқоматкунанда 4,17 $м^3$ - ро ташкил медиҳад. Меъёри ҷамъшавии партовҳо аз ҳар оила ба 23 $м^3$ рост меояд.

Мушкилии дигаре, ки дар ин самт ба назар мерасад, норасогии воситаҳои техникӣ 2 адад мошинҳои обпошак, 5 адад Трактори МТЗ 80 бо ядакҳояш, 2 адад мошини ГАЗ 53, 1 адад мошини Гидрорукав мебошад.

Дар солҳои охир тамоюли афзоиши ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ ба назар мерасад, ки сабаби он афзоиши табиии аҳолӣ, ва корхонаву муассисаҳо ва бахши савдо ва хизматрасонӣ мебошад. Ҷамъоварӣ ва нест кардани партовҳо имрӯз барои ноҳия яке аз мушкилиҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад.Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд ва ин мушкилот аз ҳама бештар дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот ба назар мерасад. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита мутасаддии ин корҳо мебошад, бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявӣ ва техникӣ, иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад. Барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дар сатҳи ҷамоатҳои дигари ноҳия таъсис додани муассисаҳои коммуналӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳияи Шаҳринав ягон ҳаммоми замонавӣ ва нуқтаи хушкашӯи (химчистка) фаъолият намекунад.

### 4.2. Таъмини барқ

Дар ноҳия низоми барқтаъминкуниро «Идораи шабакаҳои барқии ноҳияи Шаҳринав» идора менамояд ва ба 17378 хоҷагӣ хизмат мерасонад.

Дар тавозуни «Шабакаҳои барқии ноҳияи Шаҳринав» 3 адад зеристгоҳи ЗБ 35/10 кВт "Шаҳринав" бо фарогирии се трансформатор (бо тавоноии умумии -22,6 МВА), ЗБ 35/10 кВт "Қаратоғ" (бо тавоноии умумии -18,9 МВА) ва ЗБ 30/10 кВт "ЧПФ" (бо тавоноии умумии -12,6 МВА). Инчунин тавассути 187- адад трансформатор дар тавозуни Шабакаи барқи ноҳия қарор дошта 194,35 км ХҲБ -10кВт, 544,73 км ХҲБ -0,4 кВт хизмат мерасонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аҳолӣ ва корхонаю ташкилотҳои ноҳия дар давоми шаш моҳ (октябр-март) 50 фоиз, дар шаш моҳи боқимонда (апрел-сентябр) 100 фоиз бо нерӯи барқ таъмин гашта истодаанд.

Яке аз сабабҳои асосии муракабии раванди таъминоти барқ, ин норасоии нерӯи барқ дар фасли зимистон мебошад. Бо сабаби зиёд шудани талабот ба нерӯи барқ ва сарбории зиёд, бисёр трансформаторҳо ва зеристгоҳҳо аз кор мебароянд ва таъмири онҳо, аксар вақт аз ҳисоби аҳолӣ амалӣ мегардад. Дар давоми солҳои 2018-2021 барои беҳтар намудани хизматрасонии барқ ба аҳолии ноҳия васл намудани 3 адад трансформаторҳои нав дар махаллаҳои навбунёд бо иктидори умумии 250 кВт, ва 4 адад трансформатори 400 кВт пешбинӣ мегардад. Иваз намудани 530 адад симчӯбҳои фарсудаи ХҲБ-0,4 кВ, иваз намудани ноқили намуди А-16 ХҲБ-0,4 кВ ба ноқили А-35 ба масофаи 84,7 км, иваз намудани 250 адад симчӯби фарсудаи ХҲБ-10 кВ, иваз намудани ноқили намуди А-50 ба А-70 ба масофаи 37,5 км зарур мебошад.

**Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи барқтаъминкуниии ноҳияи Шаҳринав**

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 | Соли 2015 нисбати соли 2013(%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағи умумӣ аз фурӯши қувваи барқ ба дастомада | Млн. сомонӣ | 5899,9 | 5713,3 | 6223,8 | 105 |
| 2 | Ҳаҷми умумии фурӯши қувваи барқ | Млн. кВт/с | 77061,0 | 68753,5 | 76410,9 | 99 |
| 3 | Аз ҷумла аз аҳолӣ | Млн. сомонӣ | 3686,3 | 3949,3 | 4282,3 | 116 |
|  | Ҳаҷми умумӣ | Млн. кВт/с | 30697,0 | 35692,9 | 43322,9 | 141 |
| 4 | Ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Млн. сомонӣ | 2213,6 | 1764,0 | 1941,5 | 88 |
|  | Ҳаҷми умумӣ | Млн. кВт/с | 31028,6 | 17522,8 | 19749,1 | 64 |
| 5 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) |  |  |  |  |  |
|  | Ба аҳолӣ | Дирам | 0,11 | 0,126 | 0,126 | 114 |
|  | Ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Дирам | 0,3142 | 0,36 | 0,36 | 116 |
| 6 | Қарзи умумии муштариён дар назди корхона. Аз ҷумла: | Млн. сомонӣ | 6143,4 | 7105,3 | 6141,1 | 100 |
|  | Ба аҳолӣ | Млн. сомонӣ | 4,2 | 4,4 | 4,6 | 111 |
|  | Ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Млн. сомонӣ | 1,9 | 2,7 | 1,4 | 0,76 |
| 7 | Талафоти умумӣ | % | 17,7 | 22,5 | 17,4 | 98 |

Қарздорӣ аз ҳисоби истифодаи қувваи барқ дар соли 2015-ум 6141,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбати соли 2013 ба маблағи 2,3 ҳазор сомонӣ камтар мебошад. Омили асосии бақияи қарзи муштариён дар назди шабакаи фурӯши барқ ин фарсуда будани хатҳои интиқоли барқ ва зиёд будани талафоти он ба ҳисоб меравад.

Имкониятҳои молиявии идораи барқи ноҳия хело маҳдуд мебошад, маблағи қарзи барқи аз ҷониби аҳолӣ ва аз ҷониби хоҷагии оби ноҳия истифодагардида, хело зиёд мебошад (аҳолии ноҳия 1 млн 860 ҳазор сомонӣ ва хоҷагии оби ноҳия зиёда аз 299 ҳазор сомонӣ ва корхонаҳо 873,0 ҳазор сомонӣ қарздор мебошанд). Барои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, дар солҳои наздик пурра таъмин намудани аҳолӣ бо нерӯи барқ, масъалаи аввалиндараҷа мебошад ва дар ин самт бунёди нерӯгоҳҳои хурди обӣ ва роҳандозӣ намудани раванди истифодаи сарчашмаҳои алтернативии энергия хеле бамаврид ва чораи саривақтӣ маҳсуб ёфта, татбиқи амалии он дар оянда метавонад самараи хуб ба бор орад.

Шабакаи барқи ноҳия дар тобеъияти Шабакаҳои барқии Марказӣ буда ҳамчун як хадамот фаъолият менамояд. Барои мунтазам фаъолият намудани Шабакаи барқӣ ноҳия таъмини он бо техникаҳои хозиразамони борбардор автокран, автотелевишка, техникаи боркаш, техникаи дастаи сайёр зарур мебошад.

**Мушкилоти мавҷудаи соҳа:** кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои интиқоли барқ, иқтидори нокифояи трансформаторҳои мавҷуда ва зеристгоҳҳои барқӣ, мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо, корношоям гаштани симчӯбҳо ва пояҳои ХИБ пешбинӣ мегардад.

Дар давоми солҳои 2018-2021 дар доираи татбиқи БРН барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаби зикргардидаи соҳа ва ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ, аз нав барқарор намудани хатҳои барқии ҳавоӣ ва кабелӣ, бо трансформаторҳои иловагӣ таъмин намудани деҳаҳое, ки шумораи аҳолиашон зиёд шуда истодааст ва аз нав барқарор намудани симчӯбҳои ХИБ пешбинӣ мегардад.

### 4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ

Робитаи ноҳия бо маркази ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Душанбе-Шаҳринав-Турсунзода сурат мегирад. Ба воситаи ин роҳ маҳсулоти кишоварзӣ аз нуқтаҳои истеҳсол ва коркард ба маркази ноҳия бароварда мешавад. Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ дар хизматрасонии наклиёти ноҳия нақши муҳимро мебозад ва талаботро дар кашонидани маҳсулот байни хоҷагиҳо ва дар мусофиркашонӣ таъмин менамояд.

Дар ноҳия Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард ба нигоҳубин ва истифодабарии роҳҳои ноҳия машғул аст,ки тобеи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар муассиса 24 нафар коргарон фаъолият мекунанд. Муасссисаи мазкур 10 адад техникаи роҳсозӣ ва таҷҳизотро дар ихтиёр дорад, ки аз инҳо 8 ададаш коршоям буда,боқимонда

фарсуда гардидаву таъмирталабанд ва барои таъмири онҳо маблағи зиёд зарур аст.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 84 км роҳи автомобилгарди истифодаи умум қарор дорад,аз ҷумла 24 км роҳи аҳмияти ҷумҳуриявӣ дошта ва 59 км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ дошта. Роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати бади техникӣ қарор дошта, солҳои тӯлонӣ дар онҳо таъмири асосӣ гузаронида нашудааст. Дар солҳои 2012-2014 барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ тавассути буҷетӣ маҳаллӣ 55 ҳазор сомонӣ ва аз буҷети ҷумҳуриявӣ 108 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки он нокифоя мебошад.

Роҳҳои автомобилгарди ноҳия аз рӯи намуди фарш бо қабати руйпӯши асфалт 65 км буда,80,8 км роҳҳо сангфарш ва боқимонда 60,1 км хокӣ мебошад. Роҳҳои мошингарди маҳаллии ноҳия,ки маркази ноҳияро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳаҳо пайваст мекунанд 50% ба таъмир ва азнавсози эҳтиёҷ доранд. Дар ноҳия 35 пӯл бо дарозии умумии 324 метр мавҷуд мебошад.

Соли 2015 ба Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо 69,92 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки он пурра аз худ карда шудааст, ки он барои иҷрои пурраи корҳои азнавсозии роҳу пӯлҳо кифоя нест. Ҳолати техникии роҳҳои мавҷудаи ноҳия ба меъёрҳои роҳсозӣ ва ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯӣ набуда,дар давоми 20 соли охир ягон маротиба таъмири асосӣ гузаронида нашудааст (махсусан роҳҳои маҳаллӣ).

Дар ноҳия ягон муассисаи нақлиётӣ вуҷуд надорад.Мусофиркашонӣ ва боркашонии ноҳия тавассути нақлиёти шахсии соҳибкорон амали карда мешавад. Дар бахши хусусӣ ва дар ихтиёри аҳолӣ 64 адад мошинҳои боркаш,2 нақлиёти борбардор, 75 трактор ва 200 адад нақлиёти сабукрав ба қайд гирифта шудааст.Дар соҳаи нақлиёти ноҳия зиёда аз 25 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд,ки аз ин 6 нафар ба боркашонӣ, 17 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мерасонанд. Барои таъмири техника 10 нуқтаи таъмири автомобилҳо мавҷуд мебошад,ки ба бахши хусусӣ таълуқ дорад.

Дар ноҳия 2 хатсайри нақлиётӣ ба самти шаҳри Душанбе ва ба шаҳри Турсунзода 8 хатсайри дохилиноҳиявӣ мавҷуд мебошанд, ки онҳоро бахши хусусӣ хизматрасонӣ менамоянд. Айни ҳол дар ноҳия таъсиси корхонаи мусофиркашонӣ ва боркашонӣ мувофиқи мақсад мебошад.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ:***

Дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва пӯлҳо,норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо, норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидании таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо,махсусан роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталаб будани техникаи мавҷуда,аз офатҳои тибиӣ хароб гаштани қисми пӯлҳо ва таъмирталаб будани онҳо,фарсуда гаштани қисми асосии аксарияти роҳҳои ноҳия, таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, корношоям шудани воситаҳои техникӣ ва норасогии техникаи ҳозиразамон дар МДНРА-и ноҳия

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия таъмир ва барқарорсозии роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявию маҳаллидошта ва харидорию навсозии техникаи нигоҳубини роҳҳо пешбинӣ мегардад, зеро барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои мошингарди ноҳия дар солҳои 2018-2021 тақрибан 350,0 ҳазор сомонӣ маблағ зарур мебошад.

**4.4 Алоқа ва фазои иттилоотӣ.** Дар соҳаи алоқа ва фазои иттилотии ноҳия, шуъбаи ҶСК «Тоҷиктелеком»-и Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаи асосии соҳа ба шумор меравад. Корхона бо таҷҳизотҳои замонавӣ таъмин буда, тавассути он ба ноҳия хатти алоқаи нурию нахӣ кашида шудааст, ки имкон медиҳад муштариён ба алоқаи интернетӣ ва почтаи электронӣ пайваст шаванд. Корхона дорои се истгоҳи телефонӣ буда ғунҷоиши умумии он 3000 рақам мебошад.

Шумораи умумии рақамҳои васлшуда 2976 адад ва теъдоди муштариён 1055 нафарро ташкил медиҳад. Бо шабакаи интернет 18 корхонаву ташкилот ва 7 нафар шаҳрвандон пайваст карда шудаанд.

Аҳолии ноҳияи Шаҳринав аз хизматрасонии шабакаҳои мобилӣ, Мегафон, Билайн, Вавилон, Тселл ва ТКмобайл истифода мебаранд.

Дар ноҳия пойгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал менамояд, ки аҳолии ноҳияро аз тамошои барномаҳои телевизиони «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» ва «Шабакаи аввал» бархурдор менамояд.

Ноҳия дорои рӯзномаи «Ҳақиқати Шаҳринав» мебошад. Соли 2015 бо сабаби набудани бинои матбаа ва таҷҳизотҳои чопӣ, рӯзнома дар шаҳри Душанбе 48 шумора бо теъдоди 2600 нусха ва 6 шумора “Ганҷи Сино” ба нашр расид.

## БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

### 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Дар ноҳия оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист Шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи фаъолият менамояд, ки аз 4 нафар корманд (сардор ва 3 нозири давлатӣ) иборат аст. Вазифаи асосии шуъба таъмини назорати давлатӣ оиди риояи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) дар ноҳияи Шаҳринав мебошад. Проблемаи асосии шуъба ин набудани бинои маъмурӣ, дастгоҳҳои ченкунии инструменталии хок, ҳаво ва об мебошад.

*Муҳити зист ва кишоварзӣ*. Ноҳияи Шаҳринав асосан ноҳияи аграрӣ буда, дар ҳудуди он беш аз 1040 адад хоҷагии деҳқонӣ ташкил карда шудааст. Аз ин рӯ таъсири асоси ба муҳити зист ин хоҷагиҳои кишоварзӣи ноҳия мебошад, ки аз фаъолияти онҳо тағиротҳои ҷиддӣ ба сифати муҳити зисти ноҳия расонида шудааст. Нодуруст истифода бурдани замину об боиси аз кор баромадани шабакаҳои обтаъминкунӣ ва бад шудани вазъи мелиоративии заминҳо оварда расонидааст. Манбаҳои истифодабарии об дар соҳаи кишоварзӣ каналҳои Чузи, Қаратоғ, ЧМ1,2,3, шохаи ғарбии Чузи,

Мулло Шодӣ, канали калони Ҳисор мебошад, ки аз дарёҳои Қаратоғ ва Варзоб маншаъ мегиранд.

Ҳаҷми истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ дар давоми солҳои 2014-2015 чунин аст:

| Сол | Шумораи субъектҳои истифодабарандаи об | Гирифта шуд, ҳаз.м3 | | Истифода шуд, ҳаз.м3 | | | | | Талафи об, ҳаз.м3 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳамагӣ | Обҳои рӯизамини, ҳаз.м3 | Дар асл | Барои корҳои хоҷагӣ | Барои истеҳсолот | обёрӣ | Обёри и кишоварзӣ | ҳамагӣ |
| 2014 | 3 | 77869 | 77869 | 61537,3 | 20267,3 | 20267,3 | 41270 | 41270 | 17371,2 |
| 2015 | 3 | 78363 | 78363. | 61827,9 | 20295,9 | 20295,9 | 41532 | 41532 | 17486,6 |

Бинобар сабаби қисман аз кор баромадани пойгоҳҳои обкашии Қаратоғ, Шилмак ЧМ шабакаҳои обтаъминкунии каналҳои КМ 1,2,3, шохаи ғарбии канали Чузи боиси бе обёрӣ мондани беш аз 1050 га замин гаштааст, ки он ба иқтисодиёти ноҳия таъсири ҷиддӣ расонида истодааст. Аз ин рӯ зарур аст, ки пойгоҳҳои обкашӣ таъмир ва каналҳои мазкур барқарор карда шаванд.

Дигар мушкилоти экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ ин истифодаи нуриҳои минералӣ ва захрхимикатҳои сифаташон паст мебошад. Нодуруст истифода бурдани нуриҳои минералӣ боиси ифлосшавии таркиби хок ва паст гаштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ мегардад. Риоя нагаштани қоидаҳои санитари экологӣ ҳангоми истифодаи заҳрхимикатҳо сабаби ифлосшавии манбаҳои обӣ, ифлосшавии замин бо зарфҳои пластикӣ ва ҳавои атмосфера бо ангезаҳои токсикӣ мебошад. Инчунин аз тарафи кишоварзон қоидаҳои оддии нигоҳдории заҳрхимикатҳо риоя карда намешавад. Назорати ворид ва истифодаи заҳрхимикатҳо дар ноҳия тақвиятро металабад. Аз ин рӯ ташкили марказҳои махсуси ворид ва фуруши заҳрхимикатҳо дар ноҳия ба мақсад мувофиқ аст. Дигар тарафи ҳалли масъала ин ба роҳ мондани усулҳои биологии мубориза бар зидди ҳашаротҳои зараррасон ва истифодаи ғизоҳои органикӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Мушкилотидигари экологӣ дар соҳаи кишоварзӣ бад шудани вазъи мелиоративии заминҳо мебошад. Имрӯз дар ноҳия беш аз 850 га замин ҳолати мелиоративияш беҳбудиро талаб мекунад. Ҳолати мелиоративии заминҳо асосан дар ҳудуди Ҷамоатҳои деҳоти Чуст, Истиқлол, Боғистон, ба номи А. Ҳасанов ва Сабо вомехӯранд. Сари вақт тоза накардани заҳкашу заҳбурҳо боиси баланд гаштани сатҳи обҳои зеризаминӣ, шӯршавии заминҳо ва паст гаштани ҳосилнокии он оварда мерасонад. Инчунин ин ҳолат метавонад дар навбати худ ба зиёд гаштани бемориҳои сирояти байни аҳолӣ гардад. Зарур аст, ки дар давоми то соли 2021 тамоми заҳкашҳои ноҳия, ки 144км-ро ташкил медиҳад ба пуррагӣ тоза карда шаванд. Таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ яке аз ҳадафҳои асосии рушди ҳазорсола мебошад. Аз ин рӯ диққати асосии кишоварзон бояд ба баланд бардоштани ҳосилхезии заминҳо, азхудкунии заминҳои нав ва дуруст ҷобаҷо гузории зироатҳои кишоварзӣ равона карда шавад.

*Муҳити зист ва саноат.* Дар ҳудуди ноҳия корхонаҳои саноатии ҶСК «Шаҳринав», ҶДММ «Баракати Шаҳринав», ҶДММ «Баракат», ҶДММ «Меҳрангези Ҷамшед», ҶДММ «Сангрезаи Шаҳринав», ҶДММ «Шараф», ҶДММ «Орди Шаҳринав», ҶДММ «Капитал», ҶДММ «ИИАС Шаҳринав», ҶДММ «Очур», ҶДММ «Муминиён трейдинг», ҶДММ «Ҳасан Ҳусейн», ҶДММ «Сафо-2015» ҷойгир шудаанд, ки самти фаъолияташон истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ, хӯрока ва коркарди нафт мебошад. Таъсирасони ба муҳити зист аз фаъолияти корхонаҳои саноатии ноҳия ин ихроҷи моддаҳои заҳрнок ва чангу ғубор ба ҳавои атмосфера, ҳосилшавии партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, партофтани пасобҳо ба муҳити зист мебошад. Ҳаҷми партовҳои ба ҳавои атмосфера партофташуда аз корхонаҳои саноатии ноҳияи Шаҳринав дар солҳои 2013-2015 1850тн-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла:

| сол | Ҳамаги партов партофта шудааст, тн/сол | Аз ҷумла партовҳои сахт | газ | Аз ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | CO | NOx | SO2 | CH | Дигар намуд |
| 2013 | 1773,9 | 30,85 | 1743 | 520,8 | 105,9 | 1103 | 11,4 | 1,95 |
| 2014 | 47,2 | 25,95 | 20,6898 | 11,392 | 1,283 | 6,827 | | |
| 2015 | 29,04 | 7,82 | 21,22 | 2,854 | 2,6188 | 4,86 | 7,72 | 2,4 |
| | | | | | | | | |

Сабаби кам шудани партовҳо ба ҳавои атмосфера пеш аз ҳама кор накардани корхонаҳои саноатӣ, қатъ гаштани корҳои ҷустуҷуӣ иктишофӣ дар кони нафту гази Сариқамиш мебошад.

Мушкилоти асосӣ дар саноат ин нарасидани мутахассисон ва дуруст набурдани назорати истеҳсолии муҳити зист мебошад. Набудани экологҳо дар истеҳсолот боиси таъмин нагаштани корхонаҳо бо ҳуҷҷатҳои меъёрии экологӣ ва иҷозату иҷозатномаҳои муайяннамудаи қонунгузорӣ дар соҳаи муҳити зист мегардад. Ин ҳолат ба пешбурди кадастри давлатии захираҳои табиӣ монеа мегардад. Аз ин рӯ зарур аст, ки корхонаҳо барои баланд бардоштани дараҷаи тахасусии мутахасисони худ, корҳои зарури андешанд.

Дигар мушкилот, ин корношоям гаштани иншооти пасобтозакунии корхонаҳои саноатии ҶСК «Шаҳринав», ҶСП «Паррандапарвари Шаҳринав» мебошад.

Чораҳои асосии беҳтар гардонидани вазъи ҳавои атмосфера ин бештар кардани минтақаҳои сабз, ташкили нуқтаҳои назоратии санҷиши воситаҳои нақлиёт, назорати сифати сӯзишвории воридшаванда мебошад.

*Муҳити зист ва иҷтимоиёт.* Мушкилотҳои иҷтимоии вобаста ба муҳити зист дар ноҳия таъмин набудани беш 52% аҳолӣ бо оби нушокӣ, набудани муассисаҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои деҳот, набудани хати канализатсияи обу ташноб дар маркази ноҳия ва набудани иншоотҳои мавҷудаи пасобтозакунии ҳудуди ноҳия мебошад. Гарчанде ноҳияи Шаҳринав дорои манбаҳои зиёди об бошад, ҳам иқтидори потенсиалии он то ҳол омӯхта ва баҳогузорӣ нашудааст. Баробари зиёд гаштани аҳолӣ

эҳтиёҷ барои дастраси ба оби нӯшокӣ зиёд мегардад. То ба ҳол деҳоти наве, ки дар масоҳати 186 га дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуда буд, умуман бо об таъмин нестанд. Барои ин зарур аст, ки манбаҳои мавҷудаи оби атрофи деҳаҳои нави ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Чуст, Истиқлол, Ҳасанов ва Сабо ба истифода дода шавад.

Мушкилоти асосии оби нушокӣ дар ҷамоатҳои деҳоти Чуст, Истиқлол, Боғистон, Сабо ва Ҳасанов бештар дида мешавад, ки онҳо аз оби ҷую каналҳо ва насосҳои худсоз истифода мебаранд. Ҷамоатҳои деҳоти Шаҳринав ва шаҳраки ба номи М.Турсунзода бошанд бо оби артезианӣ таъминанд.

*Ҳаҷми истифодаи об дар ноҳия дар давоми солҳои 2014-2015*

| Сол | Шумораи субъектҳои истифодабарандаи об | Гирифта шуд, ҳаз.м3 | | | Истифода шуд, ҳаз.м3 | | | | | Талафи об, ҳаз.м3 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҳамагӣ | Обҳои рӯизаминӣ ҳаз.м3 | Обҳои зеризаминӣ, ҳаз.м3 | Дар асл | Барои корҳои хоҷагӣ | Барои истеҳсолот | обёрӣ | Обёрии кишоварзӣ | ҳамагӣ |
| 2014 | 3 | 78908,5 | 77869 | 1039,5 | 61537,3 | 20267,3 | 20267,3 | 41270 | 41270 | 17371,2 |
| 2015 | 3 | 79314,5 | 78363. | 951,5 | 61827,9 | 20295,9 | 20295,9 | 41532 | 41532 | 17486,6 |

Шумораи умумии чоҳҳои обкашии ноҳия 72 ададро ташкил медиҳад, ки аз он 21 ададаш кор мекунад. Барои беҳтар кардани таъминоти аҳолӣ бо оби нушокӣ корҳои зеринро ба анҷом расонидан зарур аст:

- Ҷамоати деҳоти Боғистон. Дар ин ҷамоат чоҳҳои обкашии ИИАС «Шаҳринав»-ро ба мувозинати ҷамоат ё КФ обу ташноб гузаронида, мадди аввал чоҳи обкашии қисмати ҷануби (назди бинои пункти винотайёркуни)-ро таъмир карда ба истифода додан лозим. Барои маҳаллаҳои Савда ва Боғистон бошад хати магистралӣ ба масофаи 3000м аз назди зеристгоҳи барқии навсохт гузаронида ҳавзи захиравии об сохтан лозим.
- Парма намудани чоҳҳои амудӣ дар сойи Қурум Санглох. Пармакунии чоҳҳои обкаши дар ин сой имкон медиҳад, ки маҳаллаҳои навбунёди атрофи деҳаи Элокиро, ки дар заминҳои лалмӣ бунёд шудаанд бо оби нушокӣ таъмин намоем. Инчунин марҳилаи нави тақсими заминҳои наздиҳавлигӣ барои эҳтиёҷмандон дар назар дошта шудааст, ки водор ба он месозад, ки сохтмони роҳ, хати барқ, таъминоти оби ин маҳаллаҳо ҳатман дида шаванд.

### *Иншоотҳои пасобтозакунӣ*

| № | Номгӯи иншоотҳои тозакунанда | Мавқеи ҷойгиршавӣ | Иктидори пасобтозакунӣ м3/шабонаруз | Дар асл, м3/шб | Усули тозакунӣ | Ҷои пасобобҳои тозакардашуда | Соли охири таъмир | Таркиби иншоотҳои тозакунанда | Мавҷудияти иҷозатнома барои партофтани пасобҳо ба муҳити зист |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСП «Пансионати муоличавии Қаратоғ» | Ҷамоати деҳоти Шаҳринав, маҳаллаи Балхак | 250м3 | 0 | Иншоот ба пурраги кор намекунад | Муҳити кушод, усули таҳшиншино нӣ | таъмир нашуда аст | Қумқа-пак, биофилтр | |
| 2 | ҶСП «Паррандапар вари Шаҳринав» | Шахраки М.Турсунзо -да | 500м$^3$ | 100 | Биологӣ | | | Аэраор, қумқапак, и биологӣ | |
| 3 | Беморхонаи марказии ноҳия | д.Шаҳри-нав | 250м3 | 10 | Биологӣ | | | Ҳавзи биологӣ | |
| 4 | ҶСК «Шаҳринав» | Ҷамоати Боғистон | 3413,6м$^3$ | 20 | Биологӣ, механики | | 2013 | Аэратор, қумқапак, биофилтр, ҳавзи билогӣ | То соли 2017 |
| 5 | ЛКТ №11 | Шахраки М.Турсунзо да | 100 | 40 | билогӣ | Ҳавзҳои биологӣ | | биохарита | |

Маркази ноҳия хати канализатсия ва иншооти пасобтозакунӣ надорад. Пасобҳои истифодашуда аз фаъолияти хоҷагидории корхонаю ташкилот ва сокинони маркази ноҳия ба обҳои кушод партофта мешавад, ки дар натиҷа боиси бад шудани ҳолати санитарии маҳаллаҳо оварда мерасонад. Набудани иншооти пасобтозакуни баробари зиёд шудани аҳолӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда боиси бад гаштани вазъи санитарии муҳити зист мегардад. Аз маркази ноҳия то иншооти пасобтозакуни ЧСП «Паррандапарварии Шаҳринав» хати пасобпарто гузаронида ба он пайваст кардан лозим аст.

Дигар мушкилот дар соҳаи канализатсия ин ба пуррагӣ аз кор баромадани иншооти пасобтозакунии ҶСП «Пансионати муолиҷавии Қаратоғ» мебошад. Солҳои қаблӣ иншооти мазкур пасобҳои маҳаллаи Балхак, хонаҳои 4 ошёна ва дуошёнаи қисми ҳарбӣ ва пансионатро қабул карда безарар мегардонид. Айни ҳол, бинобар пурра фарсуда шудани иншооти мазкур ва хати пасобтозакунӣ партовобҳои ифлоси хонаҳои истиқоматӣ ба муҳити кушод ҷорӣ шуда истодааст, ки метавонад ба ифлосшавии манбаҳои обӣ ва сар задании эпидемия оварда расонад.

Иншооти пасобтозакунии маҳаллаи Боғистон, ки ба ҶСК «Шаҳринав» вобаста аст, пурра кор намекунад. Хатҳои партовобгузари маҳалла ба пуррагӣ фарсуда шудааст, ки дар натиҷа партовобҳои ифлос ба сои Ғулғула ҷорӣ шуда истодааст. Зарур ва ҳатмист, ки хати канализатсияи мазкур таъмир ва барқарор карда шавад.

*Муомилот бо партовҳо.*

Дар ҳудуди ноҳия як муассисаи коммуналӣ фаъолият мекунад, ки он маркази Ҷамоати деҳоти Шаҳринав, маркази ҷамоати деҳоти Боғистон ва шаҳраки М.Турсунзодаро фаро мегирад. Дар Ҷамоатҳои деҳоти Чуст, Истиқлол, Сабо, ба номи А. Ҳасанов ва як қисми деҳоти Боғистон муомилот бо партовҳо номуташаккил ба роҳ монда шудааст, ки дар натиҷа ба ғарамшавии партовҳо дар ҷойҳои ғайрирасмӣ оварда мерасонад. Партовгоҳи расмии ноҳия, ки дорои иҷозатномаи мақомоти ваколатдор мебошад масоҳати 2,50 га-ро ташкил дода, дар самти ҷанубӣ ғарбии ноҳия ҷойгир шуда ба муассисаи коммуналӣ вобаста аст. Масофаи партовгоҳ аз маҳаллаи аҳолинишин 1200 метрро ташкил дода, атрофаш кушода мебошад, ки боиси парокандашаваии партовҳо ба муҳити атроф мегардад. Аз ин рӯ лозим аст, ки атрофи партовгоҳ маҳкам карда шуда, дарахтзор карда шавад.

Дигар мушкилот дар соҳаи муомилот бо партовҳо ин норасоии техникаҳои махсуси партовбарор мебошад. Техникаҳое, ки ба интиқоли партовҳо истифода мешаванд техникаи хоҷагии қишлоқ буда, ба талабот ҷавобгуй нест.

***Ҳаҷми умумии ҳосилшавии партовҳои сахти маишӣ дар ноҳия***

| № | Ноҳия | Соли 2014 | | | | Соли 2015 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ ПСМ, м3 | Аз он ҷумла | | | Ҳамагӣ ПСМ, м3 | Аз он ҷумла | | |
| | | | Манфиат -нокӣ, м3 | Аҳолӣ, м3 | Корхо наҳо м3 | | Манфиат нокӣ, м3 | Аҳолӣ, м3 | Корхона-ҳо, м3 |
| 1 | Шахринав | 33500 | 10800 | 22000 | 300 | 33100 | 11000 | 22200 | 300 |

Дигар мушкилот дар самти муомилот бо партовҳо ин ҷойгир будани бинои муассисаи коммуналӣ дар минтақаи аҳолинишин мебошад. Тибқи қоидаҳои санитари экологӣ техникаҳои партовбарор ҳангоми баромадан аз партовгоҳ ва вуруд ба минтақаи аҳолинишин безарар гардонида шаванд. Мутасифона ин ҳолат дар муассисаи коммуналии назди мақомоти иҷроия маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дида намешавад, ки парокандашавии бемориҳоро дар байни аҳоли истисно намекунад.

Безараргардонии лампаҳои симобдори аз истифодабаромада ва ғайриқобили истифода яке аз мушкилотҳои асоси ноҳия мебошад. Дар ноҳия ҳамагӣ як нуқтаи муташаккили ҷамъоварии партовҳои симобдор ташкил карда шудааст, ки то ба имрӯз дар он беш аз 5842 адад лампаи симобдори аз истифода баромада нигоҳ дошта мешавад. Муҳлати нигоҳдории лампаҳои аз истифода баромада дар ин нуқта беш аз 5 сол аст. Ҳол он, ки ин хилофи талаботҳои санитарӣ экологӣ мебошад. Сабаби то ба имруз безарар гардонида нашудани лампаҳо ин набудани корхонаҳои безараргардонии партовҳои симобдор мебошад. Тибқи тартиби муқарар намудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2011, №97 бояд тамоми ташкилоту муассисаҳо бо моеъҳои безараргардонии симоб ва қуттиҳои махсуси нигоҳдори таъмин бошанд. Мутасифона ин талабот қариб дар ягон корхонаю ташкилот риоя карда намешавад. Бо мақсади кам

кардани таъсири зараровари партовҳои симобдор зарур аст, ки нуқтаҳои сайёри ҷамъоварии партовҳои симобдор ташкил карда шавад.

*Муҳити зист ва гуногунрангии биологӣ.* Гуногунрангии биологӣ ин гуногунрангии ҳаёт аст. Дар ҳудуди ноҳияи Шаҳринав беш аз 750 намуди растанию гиёх, аз ҷумла 23 намуд растании ба Китоби Сурхи Тоҷикистон дохил кардашуда, 22 намуд ҳайвону парранда ва моҳии нодир ба қайд гирифта шудааст. Омилҳои асосии косташавии гуногунрангии биологии ноҳия ин буриши ҷангалзорон, шикори ғайриқонуни, азхудкунии маҳали сукунати ҳайвоноти ваҳшӣ ва дигар омилҳои табиию антропогени мебошад. Аз ин рӯ ҷиҳати ҳифз ва афзунгардонии гуногунранги билогӣ зарур аст: ба танзим даровардани шикори парранда ва ҳайвонот, ба роҳ мондан ва рушди инфраструктураи туризми экологӣ, кам кардани усули кимиёвии мубориза бар зидди зарaррасонҳои соҳаи кишоварзӣ ва ба роҳ мондани усули биологии мубориза бар зиди онҳо, ташкили парваришгоҳҳо, зиёд кардани корҳои ҷангалбунёдкунӣ, рушди соҳаи занбурпарварӣ.

***Муҳити зист ва сайёҳӣ.***Табиати ноҳия дорои шароити хубест барои ташкили туризм. Манзараҳои табии кулҳои Париён, Темурдара, Ҷувозак, ағбаҳои Петроградский, Аҳроми сафед (Пирамидаи сафед), ки даврони Шӯравӣ бо номи «Мечта альпиниста» маъруф буд,минтақаи оби термалии Хоҷа Ҳасан, Патру, Хуҷӣ ва Яхоб солҳост, ки мавриди сайёҳони хориҷию ватаниро ба худ ҷалб намудааст. Гарчанде солҳои охир аз тарафи шахсони воқеъӣ дар минтақаҳои наздисоҳилии объектҳои об истироҳатгоҳҳо ташкил карда шуда бошанд ҳам, аммо то ба ҳол маданияти хизматрасонӣ маълумотдиҳӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Аз ин рӯ зарур аст, ки мадди аввал мутахасисон - роҳбалад тайёр карда шавад. Таъмиру барқаророрсозии роҳу пӯлҳо, батартиб даровардани атрофи чашмаҳои кӯҳӣ, нашри роҳнамо ва дастурамалҳо оиди табиати ноҳия ва хатсайрҳои сайёҳиро ба роҳ мондан лозим аст.

### 5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода, пешгирӣ ва кам намудани ҳолати хатари онҳо

Дар ноҳия Низоми ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, вазифаҳои идоракунии соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани, огоҳсозӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои фавқулодда, дастрас намудани кӯмакҳои башардӯстона ба минтақаҳои офатдида ва ҳамоҳангсозии корҳо ҷиҳати бартарафсозии офатҳои табииро амалӣ менамояд. Дар ноҳияи Шаҳринав яке аз мавзеъҳои хатарнок соҳили чапи дарёи Қаратоғ ва селпартои канали «Западная ветка»-и деҳаи Мулло Шодии Ҷамоати деҳоти ба номи А.Ҳасанов ба ҳисоб меравандд. Ҳар сол дар мавсими баҳору тирамоҳ соҳили чапи дарёи Қаратоғ ва селпартои канали «Западная ветка» ба хоҷагии халқи ноҳия ҳисороти зиёде ворид менамоянд. Дар мавзеъҳои хавфноки ноҳия то ин давра 1909 хоҷагӣ бо шумораи 10536 нафар аҳолӣ истиқомат менамоянд, ки аз ҳисоби умумии аҳолии ноҳия 9,4%- ро ташкил медиҳад. Нақшаи стратегии беҳтар намудани ҳолати муҳити зисти ноҳия ба

он равона карда шудааст, ки масъалаю мушкилиҳои ҷойдошта ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор дода, бахри бартараф кардани муаммоҳои ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

**Таносуби буҷети ноҳия ва ҳаҷми хисорот аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ**

| Нишондиҳандаҳо | СОЛҲО | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | | |
| Буҷет бо таъғирот ҳазор сомонӣ | 34908,0 | 36852,9 | 38030,5 | | |
| Хисорот аз ҳолатҳои фавқулодда (ҳаз сомонӣ) | - | - | - | | |

**Ҳаҷми зарари аз ҲФ ба соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Шаҳринав расонидашуда.**

| | Маблағи зарар ( ҳаз сомонӣ) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | соли 2014 | 2015 | Ҳамагӣ дар солҳои 2014-2015 | |
| Маҳсулоти кишоварзӣ | 4,0 | 18,0 | 22,0 | |
| Ҳамагӣ : | 4,0 | 18,0 | 22,0 | |

**Рӯйхати минтақаҳои хавфноки ҳудуди ноҳияи Шаҳринав дар соли 2015**

| № | Номгӯи минтақаҳои хавфноки Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот | Шумораи хоҷагӣ ва аҳолӣ | | Номгӯи офатҳое, ки ба маҳаллаҳо таҳдид мекунад |
|---|---|---|---|---|
| | | хоҷагӣ | аҳолӣ | |
| | **Ҷамоатҳои шаҳраки Шаҳринав** | | | |
| 1 | Маҳаллаи Балхак | 200 | 1127 | Таҳдиди сел аз дарёи Қаратоғ ва эрозияи Замин |
| 2 | Маҳаллаи Шарифобод | 102 | 412 | Таҳдиди сел аз дарёи Қаратоғ |
| | **Ҷамоати шаҳраки ба номи М.Турсунзода** | | | |
| 3 | фабрикаиПаррандапарварӣ | 533 | 1899 | Таҳдиди сел аз дарёи Қаратоғ |
| | **Ҷамоати деҳоти ба номи А. Ҳасанов** | | | |
| 4 | деҳаи Аҷам | 180 | 1380 | Таҳдиди сел аз селпартойҳои деҳа |
| 5 | деҳаи Ваҳдат | 110 | 780 | |
| 6 | деҳаи Файзбахш, | 128 | 960 | |
| 7 | деҳаиМулло-шодӣ | | | |
| | **Ҷамоати деҳоти Сабо** | | | |
| 8 | деҳаи Навобод | 62 | 400 | Эрозияи замин |
| | **Ҷамоати деҳоти Истиқлол** | | | |
| 9 | деҳаи Сангмелаи боло | 15 | 75 | Эрозияи замин |
| | **Ҷамоати деҳоти Чуст** | | | |
| 10 | деҳаи Сойи-Сангичоп, | 30 | 220 | Таҳдиди сел аз селпартойҳои деҳа |
| 11 | деҳаи Хоҷагулпуш | 180 | 816 | |
| 12 | деҳаи Деҳобод, | 120 | 970 | |
| 13 | деҳаи Ҷавонон, | 80 | 600 | |
| | **Ҷамоати деҳоти Боғистон** | | | |
| 14 | маҳаллаи Савда-1-2, | 18 | 73 | Таҳдиди сел аз селпартойҳои деҳа |
| 15 | деҳаи А.Ҷомӣ. | 11 | 64 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Ҷамъ дар ноҳия:** | 1909 | 10536 | |

**Иншоотҳои муҳофизатии мудофиаи граждании.**

Инчунин баҳри ҳимояи аҳолӣ то ин давра дар ноҳия 14 адад паноҳгоҳо вуҷуд дошта ҳолати иншоотҳо ба талабот ҷавобгӯй нестанд.Таъмиру барқарорсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии иншоотҳои муҳофизатӣ дар навбати аввал 200000 (дусад ҳазор) сомониро талаб менамояд.

**Захираҳои моддӣ барои рафъи Ҳолатҳои Фавқулода**

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006 №778 «Оид ба тасдиқ намудани Қоидаҳои ташкил ва истифодабарии манбаҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» мавриди амал қарор дошта оиди иҷрои қарори зикр шуда, қарори раиси ноҳия №45, аз 12.02.2015 «Дар бораи қоидаҳои ташкил ва истифодабарии манбаъҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» ба имзо расида, нусхаи қарор ба тамоми хадамотҳои мудофиаи гражданӣ ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ҳуқуқияшон расонида шуд.

Соли 2012 барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳия бо маблағи 5400 сомонӣ барои харидори намудани сузишворӣ дизелӣ захира карда шудааст.

Аз ин лиҳоз барои захираи маводи хӯрока, пӯшока ва дигар амволу таҷҳизотҳо барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар навбати аввал 100000 (сад ҳазор ) сомониро талаб менамояд.

**Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулодда дар ноҳия**.

Дар ноҳия 11 хадамоти мудофиаи гражданӣ ва 7 ҷамоатҳои шаҳраку деҳот вуҷуд дошта, бевосита баҳри пешгирӣ ва рафъи офатҳои табиӣ ҷалб карда мешаванд.

**МАЪЛУМОТ**
**ОИД ҚУВВА ВА ВОСИТАҲОИ МАВҶУДАИ НОҲИЯ**

| **Хадамоти огоҳисозӣ ва алоқа (ҶСК «Тоҷиктелеком»)** | | |
|---|---|---|
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ – 6 нафар<br>Маркази огоҳкунанда ва алоқа - 1 адад<br><br>Асбобҳои бонги баланд –<br>Муҳаррик (генератор) –1 адад<br>Мошинаи боркашӣ -<br>Маводи сӯхт ва молиданӣ –<br>Симчӯбҳо- | Сӯзишвории дизелӣ – 40 л.<br>Равғани дизелӣ – 5л. | |
| **Хадамоти тартиботи ҷамъияти (ШКД)** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон 76 нафар<br>Автомошина 3 адад | | Либосҳои муҳофизатии махсус 50 адад |
| | | |

| Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ | | |
|---|---|---|
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ-36 нафар<br>Автомашинаи сӯхторхомушкунӣ<br>2 адад | Рудаи оташнишонии диаметраш 125 2-адад - 24 метр<br>Рудаи оташнишонии диаметраш 77-10 метр<br>Рудаи оташнишонии диаметраш 66-11 метр<br>Маҳлули кимиёвии хафкунанда 300литр<br>Асбоби фишурдаи ҳаводиҳӣ АСБ 2 -3 адад | Автомошини сӯхторхомӯшкунии намуди асосӣ –1 адад.<br>Либоси муҳорибавӣ 10 адад<br>Автомашинаи борбар 1 адад<br>Камаз – 1 адад |
| **Хадамоти наҷлиёт ва роҳсозӣ** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон 24 нафар<br>Автомашина - 2 адад<br>Трактор Т 150 1адад<br>Гредер - 2 адад<br>Погрузчик – 1 адад | Қум – 500 м$^3$<br>намак 60 тонна | Автомашинаи ЗИЛ- 1 адад<br>Сузишвории дизелӣ – 10 тона |
| **Хадамоти коммуналӣ** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон 47 нафар<br>Автомашина-1 адад<br>Бригадаи зудамал -15 нафар<br>Гурӯҳи наҷотдиҳандагон- 5 нафар<br>Гурӯҳи омодабоши корҳои техникӣ -12 нафар | Намак 250 кг<br>Сузишвории дизелӣ 100 лтр | МСМ (ГСМ) –<br>Автомашинаи АСМ –<br>Автомашинаи партовбарорӣ – 2 адад<br>Трактори Т 28 - 2 адад<br>Автомашинаи дасти оҳани (гидрорука) –1адад |
| **Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ – 16 нафар<br>Автомашинаи сабукрав – 1 адад<br>Озмоишгоҳи паразитология ва бактерология – 1 адад<br>Яхдон - 2 дона | Гипохлорид 50кг<br>Хлор – 10кг | Гиперхлорид – 150 кг.<br>Дез. камераи сайёҳр – 1 адад .<br>Дистиллятор – 1 адад<br>Либосҳои махсус – 3 ҷуфт |
| **Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон 25 нафар<br>2-адад мошини сабукрави хизматӣ<br>Сӯзандоруҳои 10гр 100адад, 5гр 100 адад | Сӯзандоруҳои 10гр 100адад,<br>5гр 100 адад | |
| **Хадамоти энергетикӣ** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ – 24 нафар<br>Кран -<br>Зеристгоҳи 35/10кв - 3 адад<br>Зеристгоҳи 35/0,4 кв-<br><br>Хати интиқоли барқ, | Сими алюминӣ намуди,<br>А-50-<br>А – 35 –<br>А – 70 –<br>Изолятори ШФ -10кв -70 адад | Симчӯбҳо – 1400 дона<br>Сӯзишворӣ – 600 литр<br>Равғани техникӣ – 500 л<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД-10 адад<br>Миёнбанди эҳтиётӣ, кохтӣ – 4 |

| | | |
|---|---|---|
| 35 кВ –<br>10 кВ – 312,89 км дар ҳудуди ноҳия<br>0,4 кВ – 800 км<br><br>Миёнбанди эҳтиётӣ, кохтӣ – 5 ҷуфт<br>Сӯзишворӣ –<br>Равғани техникӣ – | Изолятори ТФ-20-<br>Изолятори ИПТ-160-0,4. 200 адад<br>Муҳофизаткунандаи ПН - 400А-<br>Изолятори ИП - 10кв- | ҷуфт<br>Ноқили барқии А – 50 – 100 кг<br>Трансформаторҳо -160кв -5адад<br>Трансформаторҳо-250кв - 6адад<br>.<br>Электрод - 20 кг |
| **Хадамоти тиббӣ** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон - 394 нафар<br>Мошини ёрии таъҷилӣ - 3 адад<br>Мошини хизмати 3 адад | Сӯзандоруҳо –аз ҷумла 2 гр -1000 ад, 5 гр - 1000 ад, 10 гр- 1000 ад, 20 гр - 300 ад,<br>Дока 150 метр, пахта - 200 дона, маҳлули спиртӣ -10 фл. | Маводҳои зарурияти аввалияи тиббӣ ҳангоми руҳ додани ҲФ<br>Муҳаррик (генератор) - 2 адад<br>Дефлиблирятор- 1 адад<br>Дастгоҳи ИВЛ- 1 адад<br>Хирургичиский набор калон-майда 2 адад |
| **Хадамоти муҳофизат аз селҳо ва бурдани корҳои соҳилмустаҳкамкуни** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон- 24 нафар<br>Мошини хизмати 1 адад<br>Экскаватор 1 адад | Мошини хизмати 1 адад<br>Кран 1 адад | Экскаватор 1 адад<br>Булдозер 1 адад |
| **Хадамоти муҳандисӣ (меъморӣ ва шаҳрсозӣ, КВД «Сохтмони асосӣ», Лоиҳакашӣ )** | | |
| Нерӯ ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Кормандон - 11 нафар<br>Мошини хизмати - | | Мошини сабукрави хизматӣ -1 адад |

Дар давраи солҳои 2014- 2015 ҳолатҳои фавқулодда бештар ба соҳаи кишоварзӣии ноҳия зарар расонидааст. Қисми зиёди хисорот, ҳам аз рӯи фоиз ва ҳам маблағ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Хисороти соҳаи кишоварзӣ дар давраи зикршуда 22,0 (бистуду ҳазор) сомониро ташкил медиҳад.

## БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ РУШД

### Низоми идоракунӣ ва захираҳои инсонӣ.

Органи масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав, бахши иқтисод ва савдо мебошад,ки ба ӯҳдадориҳои функсионалии он, дастгирии маъмурию техники гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав ва зергурӯҳҳои ташабускори он, баланд намудани иқтидори зеҳнии онҳо оид ба масоили банақшагирии рушд, ташкил ва гузаронидани вохуриҳо, мизҳои мудаввар оиди масъалаҳои банақшагирӣ , роҳандозӣ ва назорати раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва интегратсияи маълумотҳо , экпертизаи стратегияҳои соҳавӣ ва мутобиқгадонии онҳо бо стратегияи миллӣ ва соҳавию минтақавӣ ,хамкории зич бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо, мусоидати техникӣ ба

гурӯҳҳои мониторинг ва арзёбӣ, тартиб додани ҳисоботҳои мунтазам аз рӯи натиҷаҳои мониторинг, вогузор гардидааст.

Масъули таҳия ва татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав -муовини якуми Раиси ноҳия мебошад,ки бахши иқтисодиёт ва савдоро сарпарастӣ намуда , ҳамзамон роҳбарии гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи барномаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Мушкилиҳои асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав вобаста ба татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия ва пешниҳоди хизматрасонии босифат ба аҳолӣ чунинанд:

- Потенсиали нисбатан пасти техникии шуъбаи иқтисод ва савдо ва дигар шуъбаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оид ба масоили банақшагирии рушди компелекси иҷтимоию иқтисодӣ, буҷет, мониторинг ва арзёбӣ,фондрейзинг ва тарҳрезии лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

- Сатҳи пасти донишҳои тахассусии хизмати давлатӣ оид ба истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои компютерӣ.

- Сатҳи пасти музди меҳнат ва мавҷуд набудани низоми ҳавасмандии молиявии кормандон.

- Сатҳи пасти дастрасӣ ба шабакаи интернет ва шабакаи ягонаи компютерӣ барои сода намудани раванди мувофиқа ва ҷустуҷуӣ ҳуҷҷатҳо, инчунин ҷорӣ намудани базаи ягонаи маълумотҳо.

-Мавҷуд набудани баҳисобгирии электронии муҳосибӣ дар сатҳи МИМҲД ва ҷамоатҳо.

-ҳолати ғайриқаноатбахши техникии бинои маъмурии ҷамоатҳо.

**Таъминоти буҷетиву молиявӣ**

Маблағгузории барномаи рушди «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2018-2021» дар доираи маблағҳои пешбинигардидаи Буҷети давлатӣ ва аз ҳисоби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ( соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ) ва аз манбаҳои ғайрибуҷетие,ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, дохил мешаванд.

› Сармояи хориҷӣ аз ҳисоби шарикони рушд,ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд;

› ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар ичрои Барнома;

› Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;

› Қарзҳои бонкӣ;

› Сармояи ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатии берунмарзие,ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд;

› Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ .

Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет, андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андоз аз фоида , андози арзиши иловагардида , андози ягона ,андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, боҷи давлатӣ,андози замин ва андоз аз амволи ғайриманқул маҳсуб меёбад.




Соли 2015 дар муқоиса ба соли 2014 хамаи даромадҳо 14,1 фоиз зиёд гардида,маблағҳои мақсаднок 9,7 % коҳиш ёфтааст ва ҳамаги даромадҳо дар хаҷми 5,3 фоиз афзоиш ёфтааст.Нишондиҳандаҳои бақияи озод мусбат арзёбӣ гардидааст. Дар сохтори қисми даромади ноҳия маблағи андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андози арзиши иловагардида, андоз аз фоида,андози ягона ва андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт нақши махсус дорад.

Дар соли 2014-2015 афзоиши воридоти андозҳо қариб аз рӯи тамоми намуди андозҳо мушоҳида мешавад, ААИ, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард,андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ва дигар андозҳои вобастагардида. Бо ҷорӣ гардидани Кодекси нави «Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 01-январи соли 2013,баъзе намудҳои андозҳо барҳам ё ба як намуди дигар якҷоя карда шудаанд ва вобаста ба он сохтори қисми даромади буҷети маҳаллӣ тағйир ёфтааст. Аз ҷумла андози замин ба андоз аз моликияти ғайриманқул якҷоя карда шудааст,ки дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 ба маблағи 325,0 сомонӣ коҳиш ёфтааст.

**Таҳлили қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар солҳои 2013-2015**

| | Номгуй | Соли 2013 | | Соли 2014 | | Соли 2015 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Накша бо тағйирот | Иҷроиш | Накша бо тағйирот | Иҷроиш | Накша бо тағйирот | Иҷроиш |
| 1 | Андози даромад аз шахсони вокеи | 2880,9 | 3574,8 | 3524,7 | 3917,9 | 4163,2 | 4911,1 |
| 2 | Андоз аз фоида | 3010,5 | 3578,9 | 2610,5 | 2857,6 | 2590,0 | 3169,1 |
| 3 | Андоз аз моликияти ғайриманқул | 1138,1 | 1191,1 | 13201, | 1350,1 | 994,2 | 1050,4 |
| 4 | Андози арзиши иловагардида | 5818,9 | 6706,9 | 3883,9 | 3884,9 | 4421,3 | 2466,1 |
| 5 | Андоз аз истифодабарандагони роххои автомобилгард | 798,6 | 798,6 | 998,2 | 999,5 | 750,8 | 781,2 |
| 6 | Андози соддакардашуда | 1989,4 | 2209,7 | 2506,6 | 2659,0 | 2885,2 | 3972,9 |
| 7 | Аксизхо | 119,3 | 235,6 | 149,1 | 173,0 | 241,4 | 241,7 |
| 8 | Андоз аз соҳибони воситаҳои наклиёт | 800,0 | 1083,0 | 1109,4 | 1141,9 | 1510,0 | 1343,6 |
| 9 | Захираҳои табии | 69,8 | 80,5 | 83,7 | 186,6 | 250,1 | 306,1 |
| 10 | Боҷи давлатӣ | 845,4 | 8945,4 | 938,5 | 938,8 | 1107,8 | 740,4 |
| 11 | Дигар даромадҳои ғайриандози | 109,2 | 115,8 | 1,4 | 4,6 | 130,0 | 174,8 |
| | Ҷамъи даромадҳои вобастагардида | 14792,2 | 17412,3 | 17126,7 | 18114,4 | 19540,0 | 19743,6 |
| | Маблағҳои субвенсиони | 15908,4 | 15249,8 | 18558,6 | 18363,7 | 18085,2 | 17904,3 |
| | Ба тариқи ҳисоб=куни | | | | 5,8 | | |
| | Хамаги даромадҳо | 30700,6 | 32662,2 | 35685,3 | 36478,1 | 37625,2 | 37648,0 |

Новобаста аз коҳиши воридоти андозҳои муҳим, чун ААИ, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, боҷи давлатӣ афзоиши воридоти пардохтҳоро аз андози даромади шахсони воқеӣ дар хаҷми 18,0 фоиз, андоз аз фоида дар хаҷми 22,3 фоиз қайд намудан ба маврид мебошад.Сабабҳои иҷро нагардидани баъзе аз андозҳо фаъолият накардани корхонаҳои истеҳсолӣ саноатӣ ва кам гардидани манбаъҳои андозбандӣ мебошад.Афзоиши нишондиҳандаҳои андоз ба зиёдшавии музди меҳнат, ташкили ҷойҳои нави корӣ,афзоиши хаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вобаста мебошад.

Нишондиҳандаҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ соли 2015 нисбат ба соли 2013-2014 мутаносибан 37,4 ва 25,3 фоиз афзоши ёфтааст.

Буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳринав хусусияти иҷтимоӣ дошта ,дар қисми хароҷот ҳиссаи асосиро хароҷоти соҳаи маориф, тандурустӣ,фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил менамояд. Дар соли 2015 ҳиссаи соҳаҳои иҷтимоӣ ( маориф, тандурустӣ,фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) 82,5 фоизро ташкил дода,хароҷот барои соҳаи маориф ва тандурустӣ мутаносибан 55,2 ва 23,2 фоизро ташкил медиҳад.Сабаби асосииафзудани хароҷотисоҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

**Ҳиссаи харочоти бучети маҳаллии ноҳияи Шаҳринав аз рӯи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2015 (ба ҳисоби фоиз)**

**Харочот**




Сохтори харочотҳои бучети ноҳияи Шаҳринав аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди меҳнат ва суғуртаи ичтимоӣ,харочот барои хариди молу хизматрасониҳо,пардохти коммуналӣ ва амалиётҳо бо дороиҳо ва уҳдадориҳо ( бунёди биноҳои нав, тачдид ва азнавсозӣ,хариди тачҳизот) иборат мебошад.

**Ҳиссаи харочоти бучети маҳаллӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2015**




Таҳлилҳо нишон медиҳад,ки маблағҳои ҷудогардида таи солҳои 2013-2015 беш аз 106748,8 ҳазор сомониро ташкил дода, аз ин 51517,9 ҳазор сомониро маблағҳои субвенсионӣ ва 5,8 ҳазор сомонӣ ба тариқи ҳисобаробаркунӣ мебошад.

Ҳамзамон дар ин давра бақияи озод,беш аз 1131,5 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки он дар асоси қарорҳои раиси ноҳия барои ободонии соҳаҳои иҷтимоӣ равона гардидааст.

Сохтори харочотҳои буҷети ноҳияи Шаҳринав аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан барои пардохти музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии иҷтимоӣ 77 %,хароҷот барои хариди молу хизматрасониҳо дар хаҷми 11 фоизи буҷети умумӣ равона карда шудааст.

Маблағҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои сохтмони асосӣ дар соли 2015 3200,0 ҳазор сомониро ташкил менамояд , ки таъмини барномаи рушди ноҳия дар чор соли охир ғайримкон мебошад, пардохтҳои коммуналӣ ва амалиётҳо бо дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ( бунёди биноҳои нав, таҷдид ва азнавсозӣ ,хариди таҷҳизот) иборат мебошад.




Нақшаи даромад ҳамасола ичро гардида , ичроиши қисми харочоти он аз рӯи соҳаҳо таъмин карда мешавад. Даромадҳои вобастагардида нисбати маблағҳои субвенсионӣ зиёд гардида дар оянда ба ноҳияи донор табдил дода мешавад. Маблағҳои асосӣ харочоти бучет барои пардохти музди меҳнати соҳаҳои ичтимоӣ равона карда мешавад. Ҳамчунин, харочотҳо барои ободонии кучаю гулгаштҳо, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, дармонгоҳҳо пешбинӣ гардидааст.

**Харочоти умумии бучети маҳаллии ноҳияи Шаҳринав дар соли 2015**






## БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2018-2021", низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни иҷроиши корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо амри Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллӣ). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад. Тибқи амри мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия - мудири бахши рушди иқтисод ва савдо шахси масъул таъин карда мешавад.

Аз ҷониби тамоми сохторҳои соҳавӣ нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба бахши рушди иқтисод ва савдо пешниҳод мешавад. Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

**Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ.** Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

- то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;
- дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои нақша*** бо роҳи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои бахши омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома, тавассути параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо барнома. Дар ин маврид ҷадвали электронӣ бо формати Excel таҳия мешавад ва бояд ҳар семоҳа ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо тасҳеҳ карда шавад.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро донанд, гузаронида мешавад.